Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1946), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

7 октябри соли 2020. Чоршанбе № 72 (14671)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ЧОРАҲОИ БА СОҲАИ ДАРОМАДНОК ТАБДИЛ ДОДАНИ НИЗОМИ ПОЧТА БАРРАСӢ ШУДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 5 октябр доир ба масъалаҳои ислоҳоти низоми почтаи миллӣ машварат баргузор кард.

Таъмин кардани эътидоли соҳа аз ҳисоби тахассуссозии низоми почта барои расонда додани мактубҳо, фиристода ва борҳо, хидматрасонии бонкӣ, молиявӣ ва давлатӣ муҳим ба шумор меравад. Дар низоми ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекистон почтаси» дар тамоми мамлакат беш аз 2 ҳазор шуъба амал мекунад, дар онҳо 7 ҳазор нафар кор мекунанд. Вале бинобар набудани эътибори зарурӣ рушди оммавии соҳаи хидматрасонии почта коҳиш ёфт. Аз ҷумла, тӯли 15 соли охир 1,3 ҳазор шуъба баста шуд. Соли гузашта аз 6 ҳазор тонна бор, ки аз хорича фиристода шудаанд, танҳо 10 фоизашон ва 30 фоизи хидматрасонии курерӣ ба зиммаи низоми почтаи миллӣ буд.

Вобаста ба ин вазъият дар маҳалҳо омӯхта, бо иштироки коршиносони Бонки рушди осиёӣ бобати ислоҳоти низоми почта таклифҳо андешида шуданд. Дар машварат нақшаҳо оид ба татбиқ намудани ин таклифҳо дар мисоли шуъбаҳои почтаи ноҳияҳои Сергелӣ, Янгиқӯрғон ва Тошканд пешниҳод гардиданд.

Роҳбари давлат таъкид сохт, ки барои рушди низоми почта он бояд ба соҳае, ки даромад меорад, табдил дода шавад. Имконияти зиёд кардани даромади шуъбаҳои почта аз ҳисоби ба роҳ мондани шарикӣ бо операторони хусусӣ, ҷорӣ намудани хидматҳои иловагӣ таъкид гардид.

Чунончи, алҳол савдои электронӣ хеле ривоҷ меёбад. Хидматҳо бобати расонда додани борҳое, ки аз тариқи интернет харид шудаанд, тақозо мегарданд. Гайр аз ин ширкатҳои боррасонии байналхалқие, ки дар кишвари мо амал мекунанд, дар минтақаҳо бахшҳои худро надоранд. Агар ин имкониятҳо самарабахш истифода, расонда додани борҳои почта ва маҳсулот то соҳиби он ба роҳ монда шаванд, натиҷаи хуб хоҳад дод.

– Вазифаи асоситарини соҳаи почта ин наздик кардани дур, сабук сохтани душвор ба шумор меравад, – гуфт Президент.

Дар машварат барои дар ноҳияҳо кор карда баромадани низоми мазкур ва аз 1 марти соли оянда дар маркази вилоятҳо, аз 1 июл дар тамоми мамлакат ҷорӣ намудани он вазифа гузошта шуд. Зарурияти ба роҳ мондани низоми маълумот, ки имкон медиҳад қабул, ба навъҳо ҷудокунии фиристодаҳои почтавӣ ва назорати онҳо дар режими онлайн автоматиконида шавад, таъкид гардид.

Ҳамчунин супориш дода шуд, ки то охири соли равон онлайн-платформаи миллии савдо ба роҳ гузошта шавад. Аз тариқи низоми мазкур соҳибкорон маҳсулоти худро тақсим мекунанд, оператори миллӣ барои то ба соҳибаш расонда додани он машғул мешавад. Дар ин маврид «Ӯзбекистон почтаси» дар кори байни харидор ва фурӯшанда ба сифати кафил хидмат мекунад. Бо ин мақсад бояд соли оянда дар Тошканд маркази логистикӣ ташкил карда шавад, зикр гардид дар машварат.

Боз як манбаи даромад барои соҳа ин ба роҳ мондани хидматҳои асосии давлатӣ дар шуъбаҳои почта ба шумор меравад. Вобаста ба ин барои ташкил кардани 13 намуди хидматҳои давлатӣ дар 300 шуъбаи ноҳиявии «Ӯзбекистон почтаси» вазифа гузошта шуд. Супурда шуд, ки чунин хидматҳои бонкӣ, аз ҷумла инкасатсияи маблағҳои нақд, амалиётҳо бо кортҳои пластикӣ дар шуъбаҳои почтаи ноҳияҳои Сергелӣ, Янгиқӯрғон ва Тошканд ҷорӣ карда шаванд.

Тӯли чор соли охир ҳаҷми тақсимкунии нашрияҳои чопӣ аз тариқи низоми «Ӯзбекистон почтаси» 3 баробар коҳиш ёфт, саҳми он дар ҳаҷми умумии расонда додани матбуот 13 фоизро ташкил медиҳад.

Ба шахсони масъул супурда шуд, ки ба инкишоф додани низоми паҳнкунии матбуот, ташкил кардани обунаи онлайн барои рушди нашрияҳои даврӣ эътибор диҳанд.

Ба масъалаҳои бозомӯзонии кадрҳо барои ба роҳ мондани навъҳои нави хидматрасонии почтавӣ, истифода бурдани бинои шуъбаҳои почта дар асоси шарикии давлативу хусусӣ эътибор дода шуд.

ӮзА.

ДАР БОРАИ СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БО ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН

5 октябр мулоқоти телефонии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баргузор шуд.

Дар оғози суҳбат роҳбари давлати мо сарвари Тоҷикистонро бо зодрӯзаш самимона муборакбод намуд, ба ӯ аз таҳти дил саломатӣ, хушҳолӣ ва комёбиҳои нав орзу кард.

Президентҳо сатҳи кунунии муносибатҳои шарикии стратегии ӯзбекистониву тоҷикистониро, ки ба решаҳои мустаҳками дӯстии бисёрасрина ва некҳамсоягӣ, ягонагии таърих, фарҳанг ва урфу одатҳо такя мекунад, бо қаноатмандии амиқ таъкид намуданд.

Дар даврони душвори ба тамоми олам паҳн шудани коронавирус дар ҳар ду мамлакат барои паси сар сохтани оқибатҳои пандемия дастгирии тарафайн эҳсос мегардад. Аз ҷониби Тоҷикистон барои кӯмаки амалӣ дар муборизаи бо ин касалии хавфнок миннатдорӣ изҳор гардид. Дар соҳаи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ афзоиши ҳаҷми мубодилаи мол нигоҳ дошта мешавад, кооператсия дар сатҳи минтақаҳо ва тиҷорат вусъат пайдо мекунад.

Сарони давлатҳо ба натиҷаҳои сермаҳсули як қатор чорабиниҳои дуҷониба, ки моҳи гузашта амалӣ шуданд, баҳои баланд доданд. Аз ҷумла, ҷамъомади навбатии Комиссияи байнихукуматӣ ва анҷумани тиҷоратӣ, конфронси илмиву амалӣ, вохӯрии депутатҳо ва зиёёни эҷодкор, боз гардидани майдонҳои муштараки истеҳсолӣ ва иншооти иҷтимоӣ бомуваффақият гузаронида шуданд.

Президентҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба ҳукуматҳои ду мамлакат супориш доданд, ки бобати вусъат додани ҳамкории бисёрҷанба ва коркарди ҳамаҷонибаи рӯзномаи нави анҷумани пешистода «харитаи амалиёт»-ро кор карда бароянд.

Ҳамчунин бинобар масъалаҳои рӯзмарраи сиёсати байналхалқӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ мубодилаи афкор ба амал омад.

Дар анҷоми мулоқоти телефонӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон саминона изҳор дошт, ки чорабинии муҳими сиёсӣ дар мамлакат – интихоботи президентии 11 октябри соли равон бомуваффақият баргузор гардад.

Суҳбат чун анъана дар муҳити гарм, рӯшод ва дӯстона гузашт.

ӮзА.

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОР НАМУДАНИ ҶАШНВОРАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ РАҚСИ "ЛАЗГӢ"

«Рақси хоразмии – лазгӣ», ки дар таъриҳи ғании санъати рақсии мамлакати мо ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад, бо услуби хоси ичро ва ҷаззобии худ на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар кишварҳои хоричӣ низ маъмул аст. Аз ҷониби ЮНЕСКО ба Рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил шудани «Рақси хоразмии лазгӣ» низ аз беҳамтоии ин санъат шаҳодат медиҳад.

Бо мақсади ҳифз ва рушди анъанаҳои қадимаи санъати «Рақси хоразмии лазгӣ», мустаҳкам намудани риштаҳои дӯстӣ ва бародарии байни халқҳо тавассути санъати рақс, минбаъд васеъ намудани доираи ҳамкории эҷодӣ ва робитаҳои фарҳангӣ дар сатҳи байналмилалӣ:

1. Пешниҳоди Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо ва ҳокимияти вилояти Хоразм дар бораи **аз соли 2022 дар ҳар ду сол як маротиба, 25-30 апрел баргузор намудани Ҷашнвораи байналмилалии рақси "Лазгӣ"** (минбаъд – Ҷашнвора) ва дар доираи он ташкил кардани **конфронси байналмилалии илмию амалӣ** тасдиқ карда шавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

ДАР БОРАИ МУЛОҚОТИ ТЕЛЕФОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БО ПРЕЗИДЕНТИ ҚУРИЁИ ҶАНУБӢ

6 октябр Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Куриё Мун Чжэ Ин суҳбати телефонӣ дошт.

Дар ибтидои суҳбат роҳбари давлати мо аз номи халқи сермиллати Ӯзбекистон ва шахсан аз номи худ Президент Мун Чжэ Ин ва мардуми Куриёи бародариро бо Рӯзи таъсисёбии Куриё ва чашни анъанавии Чусок самимона муборакбод намуда, орзуву омоли сулҳу салоҳ, фаровонҳолӣ ва шукуфоӣ изҳор намуд.

Сарони Ӯзбекистон ва Куриёи Ҷанубӣ аҳвол ва пешомади рушди минбаъдаи муносибатҳои дуҷонибаи шарикии махсуси стратегиро ҳамаҷониба баррасӣ карданд, ҳамчунин бинобар масъалаҳои рӯзмарраи сиёсати байналхалқӣ табодули афкор намуданд.

Муҳимияти фаъолона идома додани ҳамкориҳои тарафайн ва мулоқоти мунтазаму пурмазмун дар сатҳҳои гуногун ба мақсади коҳиш додани оқибати паҳншавии ҷаҳонии коронавирус барои ҳамкории бисёрҷанбаи ӯзбекистониву куриёӣ таъкид гардид.

Президенти Ӯзбекистон ба ҳамтойи худ барои ҳамкории амалии Куриёи Ҷанубӣ дар ташкил кардани муборизаи самарабахш бар муқобили пандемия, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами пешгирӣ ва табобати ин иллат низ миннатдории саминӣ баён кард.

Бобати ҳамкории қарини минбаъда дар сатҳи вазоратҳои нигаҳдории тандурустӣ ва дигар ташкилотҳои манфиатдор, аз ҷумла дар соҳаи такмил додани усули табобат, коркард ва таъминсозӣ бо ваксина муоҳида ба даст омад. Дар ҷараёни суҳбат ба тайёр кардани рӯзномаи вохӯриҳои пешистодаи дараҷаи олӣ эътибори махсус дода шуд.

Аз ҷумла президентҳо масъалаҳои ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоявӣ, ташаккул додани шароити мусоид барои афзудани мубодилаи мол ва пурзӯр намудани кооператсия, ҳамчунин вусъат додани пойгоҳи зарурии ҳуқуқӣ ва кӯмакро дар пешбурди ташаббусҳои соҳибкорӣ муҳокима карданд.

Сарони давлатҳо ба ҳукуматҳои ду мамлакат супориш доданд, ки дастгирии ҳамаҷонибаи 65 лоиҳаи муштараки ҳамкориҳои сармоявӣ, молиявию техникӣ ва башардӯстонаро, пеш аз ҳама барномаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ ва таълим бинобар самти ҳамкории оҷонсии байналхалқии Куриё ва Бунёди рушди иқтисодиву ҳамкорӣ идома диҳанд.

Ғайр аз ин бобати зиёд кардани маҷмӯи лоиҳаҳои пешомаднок бо иштироки ширкатҳои пешқадам ва идораҳои бонкиву молиявии Ӯзбекистону Куриёи Ҷанубӣ, ки ҳоли ҳозир аллакай аз 4 миллиард доллар бештар мебошад, чораҳои муҳим андешида мешаванд.

Дар хотимаи мулоқоти телефонӣ сарони давлатҳо ҳамраъйии қатъии худро бинобар таҳкими минбаъдаи муносибатҳои бисёрҷанба, ки ба решаҳои мустаҳками дӯстии бисёрасрина такя мекунанд ва идома додани ҳамкориҳои васеъмиқёси амалиро бори дигар таъкид намуданд.

Суҳбати роҳбарон чун анъана дар муҳити саминӣ, конструктивӣ ва дӯстӣ гузашт.

ӮзА.

Раиси Сенат дар Тӯрақӯрғон

Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева бинобар иҷрои «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва коҳиш додани нодорӣ дар ҳудудҳо дар солҳои 2020-2021» бо ташрифи амалӣ дар вилояти Намангон буд.

Дар рафти ташриф вай ба як қатор субъектҳои соҳибкорӣ, муассисаҳои тиббӣ шинос шуда, бо фермерон, соҳибкорон ва бо аҳолӣ мулоқот орост. Дар ноҳияи Тӯрақӯрғон зиёда аз 227 ҳазор нафар шаҳрвандон истиқомат мекунанд. Дар зарфи чаҳор соли гузашта дар ноҳия як қатор корҳои васеъмиқёс ва бунёдкориҳо ба амал бароварда шуданд. Дар ноҳияе, ки зодгоҳи Исҳоқхон Тӯра Ибрат мебошад, ба номи ӯ маҷмӯа ва як қатор нуқтаҳои хидматрасонию маданӣ, савдо, хонаҳои истиқоматии бисёрошёна қад рост мекунанд. Дар ин корҳо саҳми соҳибкорони чашмикордон калон аст.

Ташрифи нахустини роҳбари Сенат ба ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Дилрабо СДА» буд. Дар ин ҷо аз масолеҳи трикотажӣ либосҳои гуногун барои мардон, занон ва бачаҳо истеҳсол карда мешаванд. Дар он 700 нафар занону духтарон кор мекунанд. Масолеҳи асосии корхона асосан ба Русия содир мешавад. Дар ин ҷо бо ҳамкорони Амрико аз Туркия ва Чин ба миқдори 200 ҳазор доллари ИМА дастгоҳ оварда шуд.

– Роҳбари Сенат ба корхонаамон ташриф оварда, баробари бо фаъолияти меҳнатии кормандонамон шинос шудан андешаю дарахстҳояҳо низ ба эътибор гирифт, ки аз ин сарамон ба осмон расид, – гуфт роҳбари корхонаи «Дилрабо СДА» Маъсуда Содиқова.

Дар корхонаи муштараки «Рунамтех» қариб 100 нафар занону духтарон кор мекунанд. Дар оянда шумораи кормандон боз ҳам зиёд мешавад.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Оқтош текстил» дар деҳаи калонтарини ноҳия – Оқтош воқеъ буда, асосан дастпоккун истеҳсол мекунад.

Мулоқот дар корхонаи «Рубин БИА» ба фоидаи соҳибкорон ҳаллу фасл гардид. Дар корхона асосан маҳсулоти бетону филиз истеҳсол мегардад. Раиси Сенат дар мулоқот ба сифат бештар эътибор гузоштанро таъкид кард.

Дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Абдусалом равнақи», ки Муҳаммадшариф Қосимов сарварӣ мекунад, анъанаи мактаби «устоду шогирд» ба роҳ монда шудааст. Ҳоло 20 нафар кормандон бо ҳунари миллӣ шуғл меварзанд. Роҳбари Сенат дар ин ҷо ба фаъолияти ҷавононе, ки дар ривоҷёбии саноати мебел саҳм мегузоранд, баҳои баланд дод.

Турсунбой Комилов аз кишоварзони пешсафи ноҳия ба шумор меравад. Вай ҳар сол аз пахта ва ғалла нақшаҳои ба зиммагирифтаашро барзиёд иҷро мекунад. Ӯ бо Фармони Президент бо ордени «Меҳнат шуҳрати» сарфароз гардидааст. Фермери чашмикордон аз ҳар як гектари кишти пахта 50 сентнерӣ, аз 132 гектар ба хирмани давлат 580 тонна «тиллои сафед» супурданро ба нақша гирифтааст. Раиси Сенат дар саҳроҳои пахтакории хоҷагии фермерии «Турсунбой Комилов» бо чинакчиён вохӯрд, ба пешсафон мукофотҳо супурд. Вохӯрии раиси Сенат дар ҳокимияти ноҳия бо фаъолон ва депутатҳои шӯрои маҳаллӣ баргузор гардид.

Зоҳидахон КЕНҶАЕВА, ноҳияи Тӯрақӯрғони вилояти Намангон.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Klassik Oyna»-и ноҳияи Самарқанд соли 2019 аз ҷониби соҳибкори ҷавон Парвиз Расулов ташкил гардид. Соҳибкор дар пояи 650 миллион сӯмина маблағи вомии «Ёшлар – келажагимиз» тиҷорати худро ба роҳ монда буд.

«ЁШЛАР – КЕЛАЖАГИМИЗ» – БОЛИ ҶАВОНОНИ ТАШАББУСКОР

– Дар корхонаамон ба оинаҳои шакли 3D баъди коркарди онҳо гул ҳаккокӣ мекунем, – мегӯяд роҳбари ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Klassik Oyna» Парвиз Расулов. – Барои ин аз Русия асбобу ускунаҳои замонавӣ оварда шудаанд. Ҳоли ҳозир дар ҳамкорӣ бо истеҳсолгарони маҳаллии мебел кор мебарем. Дар мо даҳ ҷойи кор ташкил карда шудааст. Дар оянда ният дорем, ки маҳсулоти худро содир намоем.

Дар сурат: *дар корхона.*

Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ӮзА).

ЯКЕ АЗ КӮЧАҲОИ ПОЙТАХТИ БЕЛОРУС БА НОМИ ҚАҲРАМОНИ ӮЗБЕКИСТОНӢ ГУЗОШТА ШУД

Ба шарафи иштироқдори Ҷанги дуюми ҷаҳон, Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ сокини Ӯзбекистон Ғулом Ёқубов яке аз кӯчаҳои ноҳияи марказии Минск ба номи ӯ гузошта шуд.

Моҳи августи соли равон Ҷамъияти ҳарбиву таърихии Ӯзбекистон ба ҳукумати Белорус бо хоҳиши ба номи ҷанговарони озодихоҳ, қаҳрамонони Иттифоқи Шӯравӣ, ки ба фронт аз Ӯзбекистон даъват шудаанд ва дар озодкунии сарзамини Белорус иштирок кардаанд, гузоштани як қатор кӯчаҳо мурочиат карда буд.

Ғулом Ёқубов 15 майи соли 1915 дар деҳаи Мирзообод таваллуд шуд, соли 1942 ба фронт рафт ва тобистони соли 1944 роҳбари ротаи автоматпаронҳо гардид.

Бинобар маълумоти Ҷамъияти ҳарбиву таърихии Ӯзбекистон 23 июни соли 1944 амалиёти ҳалкунандаи Белорус оғоз ёфт. Баландии 150,9-ум, ки дар назди деҳаи Лудчитсаи Могилёв воқеъ буд, аҳамияти махсус дошт. Фармондеҳӣ қарор кард, ки барои боздоштани самти зарбаи асосии қӯшун ва техникаи душман ба он ҳуҷум кунад. Шаби 24 июн ротаи автоматпаронҳои капитан Ғулом Ёқубов се хандақи душманро паси сар намуда, баландиро ишғол кард.

Истилогарони Олмон ҷанговаронро муҳосира карданд. Капитан Ёқубов чун мушоҳида намуд, ки рафиқонаш ба муҳосира афтоданд, мудофиаро ташкил ва ба он роҳбарӣ кард. Ҷанг тақрибан 20 соат идома дошт, қувваҳо баробар набуданд, вале ҷанговарони далер тавонистанд тамоми 40 ҳуҷуми душманро баргардонанд, худи Ёқубов дар ин муҳориба ҳалок шуд.

Дар ҳамин дам қӯшунҳои Фронти 1-уми Белоруссия дар ҷанд километр ҷанубтар мудофиаи фашистонро бартараф сохтанд ва гурӯҳи душманонро дар Бобруйск, ки дар иҳота монда буданд, мушоҳида карданд.

24 марти соли 1945 ба капитан Ғулом Ёқубов баъд аз фавташ унвони Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ дода шуд.

Вай ҳамчунин барои хидматҳои ҳарбиаш бо ордену медалҳо мукофотонида шудааст.

Нимтанаҳои Ёқубов дар шаҳрҳои Асака ва Андиҷон гузошта, кӯчаҳо дар Асака ва Бихова, ҳамчунин мактаби рақами 25-ум дар Асака ба номи ӯ гузошта шудаанд.

АИ «Дунё»

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

ДАР БОРАИ ТАШКИЛ ВА БАРҒУЗОР НАМУДАНИ ҶАШНВОРАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ РАҚСИ "ЛАЗГӢ"

(Аввалаш дар сах.1).

2. Инҳо тасдиқ карда шаванд:

ҳайати Кумитаи тадорукот оид ба омодагӣ ва баргузории Ҷашнвораи байналмилалии рақси «Лазгӣ» (минбаъд – Кумитаи тадорукот) тибқи замимаи №1;

Низом дар бораи тартиби гузаронидани Ҷашнвораи байналмилалии рақси "Лазгӣ" мутобиқи замимаи №2.

3. **Ҳокимияти вилояти Хоразм** ва **Вазорати фарҳанг** ҳамчун мақомоти масъули ташкил ва баргузории Фестивал муайян карда шаванд.

4. Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо ва ҳокимияти вилояти Хоразм:

то 1 декабри соли 2021 бо ҷалби коргардонҳои ботаҷриба, ҳунармандони маҳрӯф, продюсерҳо, оҳангсозон, шоирон ва мутахассисони соҳибихтисоси соҳа барои маросими ифтитоҳ ва пӯшидашавии Ҷашнвора сенарияҳо ва барномаҳои бадеӣ омода кунанд;

якҷоя бо Вазорати корҳои хориҷӣ **то 1 феврали соли 2022** рӯйхати устодони санъати рақс, олимон-мусиқишиносон ва санъатшиносон, ҳунарпешагони маҳрӯф, мутахассисони барчаста ва меҳмонони фахрӣ аз кишварҳои хориҷро, ки дар Ҷашнвора ва конфронси байналмилалии илмӣ-амалии таҳти мавзӯи **«Ҷойгоҳи рақси миллии ӯзбек дар санъати рақси ҷаҳонӣ»** (минбаъд – конфронси илмӣ ва амалӣ) дар доираи он баргузоршаванда иштирок мекунанд, тартиб диҳад.

5. Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати фарҳанг, Комиссияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба корҳои ЮНЕСКО дар назди Девони Вазирон ва ҳокимияти вилояти Хоразм барои гузаронидани Ҷашнвора дар **зери сарпарастии ЮНЕСКО** чораҳо андешанд.

6. Вазорати фарҳанг якҷоя бо Кумитаи давлатии рушди сайёҳӣ, Академияи бадеии Ўзбекистон, Агентии миллии Ўзбеккино, Иттиҳоқи нависандагони Ўзбекистон, Палатаи савдо ва саноати Ўзбекистон, Ассотсиатсияи "Ҳунарманд" ва Ассотсиатсияи "Ўзтуқимачиликсаноат" инҳоро таъмин менамояд:

ташкили павилонҳои намоишӣ дар доираи Ҷашнвора дар бораи санъати рақсӣ, намоиши асбобҳо ва либосҳои миллии мусиқӣ, ҳунарҳои дастӣ, асарҳои санъати тасвирӣ ва амалӣ, намунаҳои мучассама, филмҳои бадеӣ ва мустанад, дискҳои аудио ва видео, китобҳо, албомҳо, аксҳо ва инчунин савдои онҳо дар ҳудуди **мачмӯи "Ичан-қалъа»**-и шаҳри Хева;

таҳия ва ба созмонҳои сайёҳӣ пешниҳод намудани **барномаи Ҷашнвора**, инчунин ҷойгиркунии он дар шабакаи Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ се моҳ пеш аз Ҷашнвора.

7. Муқаррар карда шавад, ки харочоти марбут ба ташкил ва баргузории Ҷашнвора дар асоси сметаи бо тартиби муқарраргардидаи Вазорати фарҳанг таҳия ва тасдиқшуда, бо тартиби зерин сурат мегирад:

70 фоиз – аз ҳисоби маблағҳое, ки ҳамасола ба Вазорати фарҳанг аз буҷаи ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Ўзбекистон барои чорабиниҳои фарҳангӣ ҷудо карда мешаванд;

30 фоиз – аз ҳисоби буҷаи маҳаллии вилояти Хоразм, ҳайрия ва дигар манбаъҳое, ки қонун манъ накардааст.

8. Тартиби зерини иҷрои қарори мазкур муқаррар карда шавад:

Муовини Сарвазир, раиси Кумитаи тадорукот Б.Мўсаев – дар сатҳи баланди бадеӣ ва илмӣ баргузор намудани Фестивал ва конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар доираи онро таъмин кунад;

Муовини Сарвазир, Раиси Кумитаи давлатии рушди сайёҳӣ А. Абдуҳакимов – оид ба ворид намудани Ҷашнвора ба таквими туризм, ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба он, инчунин пешакӣ банд кардани меҳмонхонаҳо барои иштирокчиён ва меҳмонони Ҷашнвора чораҳо андешад;

Вазири фарҳанг О. Назарбеков – сенарияҳо ва барномаҳои бадеии маросимҳои кушодашавӣ ва пӯшидашавии Ҷашнвораро дар сатҳи баланд бо ҷалби олимон – мусиқишиносон ва санъатшиносон, инчунин ҳунарпешагони маҳрӯф таҳия намояд;

ҳокими вилояти Хоразм, Ф. Эрманов – корҳои ободонию кабудизоркунӣ дар шаҳри Хева, омода кардани саҳнаҳо барои намоишҳо ва толорҳо дар сатҳи зарурӣ, инчунин ташкили павилонҳои намоишӣ оид ба санъати рақс дар ҳудуди мачмӯи Ичан-қалъа таъмин намояд;

Агентии миллии ахбори Ўзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон ва Агентии ахбори «Дунё» корҳоеро, ки оид ба тайёрӣ ва баргузор намудани Фестивал амалӣ гардонда мешаванд, ҳамаҷониба равшан намоянд.

9. Назорати иҷрои ин қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А.Н.Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон А. А. Абдуваҳитов гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш.МИРЗИЁЕВ

ТОШКАНД,
28 сентябри соли 2020.

Дар ҳудуди ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи "Янги турмуш"-и ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ тақрибан 3 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Ҳар яке аз 456 хонаводаи маҳалла ба ҳисоби миёна 20 сотихӣ заминҳои корам доранд ва имрӯз мардуми деҳа аз заминҳои ҳуд даромади хуб ба даст меоранд. Мамарасул Чиянов яке аз онҳоест, ки дар қитъаи 70-сотихи ҳуд беш аз 10 навъи зироатро коштааст.

Вақте ки мо ба хонаи Мамарасулака омадем, дидем, ки аз картошка дар давоми сол бори чорум ҳосил мегирад. Инчунин, деҳқон дар токзораш хуб меҳнат кардааст ва ангури навъи чарос барои бозор омода аст.

Азбаски ин маҳалла дар дашт ҷойгир аст, об намерасад. Бо вуҷуди ин, аз имсол сар карда, аҳолӣ ба азхудкунии нишебиҳои кӯҳ тавассути обёрии қатрагӣ диққати бештар медиҳад. Имсол дар соҳаи токпарвари 7 хоҷагӣ ташкил карда шудааст.

***Дар сурат:** дар боғи **Мамарасул Чиянов**.*

Суратгир: С. АСЛОНОВ (ЎзА).

БАҲРИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ РОҲИ ОҲАН

Масъулону ходимони идораи таъминоти амнияти нақлиётии садорати умури дохилии вилояти Фарғона бобати таъмини бехавфии ҳаракати поездҳои мусофиркашон дар шароити пандемияи коронавирус чораҳои муҳим меандешанд. Дарозии умумии хати нақлиётии идораи зикршуда 232 километрро ташкил менамояд. Аз ҷумла, дар 133 километри ин хат поездҳо ҳаракат менамоянд.

Дар натиҷаи корҳои назоратию профилактикие, ки пеш бурда шуданд, хати роҳи оҳанро бемаврид бурида гузаштани 3774 нафар шаҳрвандон аниқ гашт. Нисбати онҳо корҳои огоҳсозию фаҳмондадиҳӣ ба амал бароварда шуданд.

Дар ҳудудҳои роҳи оҳан нафақат қадамгузории беэҳтиётонаи одамон, ба ҳоли ҳуд гузошта шудани мактабиён, балки чорвои майдаашонро бонӣ кардани аҳолӣ, мутаассифона, ба назар мерасад. Дар ин гуна ҳолат мувофиқи моддаи 113, қисми 2-юми Кодекси маъмурии Ҷумҳурии Ўзбекистон, нисбати ашхосе, ки бепарвой зоҳир менамоянд, баённомаҳо расмӣ гардонда шуданд. Масъулон дар хонадонҳо шуда, аз наздик 5 ҳазор нафар шаҳрвандон, ки дар атрофи роҳи оҳан истиқомат мекунанд, оиди риоя ба қоидаҳои амният забонхат гирифтанд. Дар ҳудуди хидмати нақлиётчиёни роҳи оҳан 2 вокзали роҳи оҳан мавҷуд. Поездҳои мусофиркашон мувофиқи ҷадвал ҳаракат мекунанд ва дар вақтҳои зарурӣ дезинфексия карда шуда, аз чипта гирифтан сар карда, то ба манзили даркорӣ расидани сафариён риоя ба қоидаҳои карантин қатъиян таҳти назорат гирифта мешавад.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

РАИСИ МАРКАЗ ИНТИХОБ ШУД

Ҷамъомади интихоботии Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Фарғона барпо шуд. Қабл аз баррасии масъалаҳои таҳти назар хотираи неки раиси пешини марказ Усмоналӣ Исмоилов ба ёд оварда шуд.

Усмоналӣ Исмоилов тӯли беш аз бист сол ба ҳайси раиси ин марказ фаъолият намуд ва дар рушди забону фарҳанг ва расму ойинҳои мардум саҳми ҳудро гузошт. Мутаассифона, ӯ бар асари як бемории вазнин бо ин дунё падруд гуфт, барои ҳамин раис ва аъзои нави раёсати марказ бояд интихоб карда мешуд.

Дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Фарғона Мухторҷон Зокиров ва корманди бахши тоҷикии Ширкати садову симои вилояти Фарғона, шоир ва журналист Масъуд Мирзоев ба ҳайси номзадҳо барои ишғоли мақоми раиси марказ ба қайд гирифта шуданд. Онҳо ба иштирокчиёни ҷамъомад ҳудро шинос карданд.

Вакилон Масъуд Мирзоевро бо қисмати бештари овозҳо раис интихоб карданд. Аъзои нави раёсати марказ иборат аз 15 нафар интихоб шуданд.

Омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Риштон Сайфиддин Иноятов ба сифати раиси ифтихории марказ пазируфта шуд.

– Ҳокимияти вилоят ҳамаи марказҳои миллӣ-фарҳангиро бо мошини "Дамас" таъмин намудааст ва аз ин маркази фарҳангии тоҷикон дар канор нест. Ҳамзамон барои марказҳо 50 миллион сӯмӣ маблағ низ ҷудо шудааст. Шумо метавонед 12 миллион сӯми иловагиро барои харидани либосҳои миллӣ ва маводи мавриди ниёзи ҳуд сарф намоед, – гуфт мудири шӯъбаи кор бо созмонҳои динӣ ва иҷтимоии ҳокимияти вилоят Муйдинҷон Холматов.

Дар ҷамъомад куллоли маъруфи риштонӣ Шарофиддин Юсуфов ба сухан баромада, иброз кард, ки ҳанӯз замони шӯроҳо мукофоти комсомоли ленинии умумииттифоқро ба даст овардааст. Дар солҳои истиқлолият ба ҳайси ҳунарманди тоҷиктабори риштонӣ чандин нишонҳои давлатиро низ соҳиб гаштаст. Ҳоло узви вобастаи Академияи бадеии Ўзбекистон ва Арбоби шоистаи фарҳанги ҷумҳурӣ мебошад. Ба гуфтаи Шарофиддин Юсуфов вақте ки соҳиби дипломи ЮНЕСКО гардид, ифтихор намуд, ки ҳунари кулолгариро ба арсаи байналмилалӣ баровардааст ва шогирдони зиёдро тарбия кардааст.

Талошам барои он аст, ки дар деҳаи Хуррамобод ноҳияи Риштон мактаби тоҷикӣ барҳам нахӯрад ва то солҳои наздик ба ин кор муваффақ шудам. Аммо ҳоло дар ин мактаб таълиму тадрис бештар ба забони давлатӣ аст. Мактаби деҳаи мо аз кадрҳои тоҷикӣ камбуд надорад, барои ҳамин раис ва аъзои нави раёсатро лозим меояд, ки ба ин масъалаҳо таваҷҷӯҳи хос зоҳир кунанд ва нагузоранд, ки ин раванд идома пайдо кунад, – иброз намуд Сайфиддин Иноятов.

– Ба ҳайси раис интихоб шуданам дар ин ҷамъомад масъулияти маро ба ҳайси як соҳибзабон боз афзуд. Дарҷоҳеъ, ҳифзи забони модарӣ, арзишҳои миллӣ ва рушду ривоҷи расму ойинҳои мо дар меҳвари фаъолияти раёсати нав қарор ҳоҳанд гирифт. Дар Ўзбекистон барои рушду ривоҷи забону фарҳанги миллии мо ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст. Худи мо бояд талош кунем, ки дар ин ҷода фидокор бошем. Фарзандонамон дар мактабҳои таълимоти умумӣ ба забони модарӣ таҳсил кунанд, соҳиби ҳуввияти миллӣ бошанд ва дар оянда дар баробари ҳифзи забон барои ривоҷи расму ойинҳои миллӣ низ саҳми ҳудро гузоранд,– гуфт раиси нав Масъуд Мирзоев.

Аъзои раёсати нав аз утоқи кории ин марказ, воқеъ дар ошёнаи дувуми бинои театри русии драмаи вилоят низ боздид карданд. Маълум шуд, ки дар ин ҷо мизу курсиҳо, компутер, телевизор, ҷевонҳои пур аз китоб ва амсоли он дар ихтиёри марказ қарор доранд.

Ҷумъаи ҶАМОЛ,
котиби матбуоти Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Фарғона.

Ба қарибӣ дар маркази тарбияи мутахассисони ҳарбиву техникии назди раёсати корҳои мудофиаи вилояти Тошканд барои ҳифзи иҷтимоии куҳансолон ва ба мақсади зиёд кардани эътибору ғамхорӣ нисбати онҳо чорабинӣ баргузор шуд.

Дар чорабинӣ ба масъалаҳои дар рӯҳи ватанпарварӣ тарбия кардани ҷавонони ба хидмати ҳарбӣ даъватшуда, ҳамчун инсони комил ба воя расидани онҳо, эҳсоси дахлдории онҳоро ба воқеаҳои ҷамъият, ташаккул додани сифатҳои олии маънавиву ахлоқӣ ва ватандӯстӣ, хидмати ҳарбӣ ва ғайра зикр гардиданд. Дар он афсарони ҳарбии мустафъӣ ва ҷавонони донишҷӯ иштирок карданд. Ба афсарони ҳарбии мустафъӣ ифтихорнома ва туҳфаҳои қиматбаҳои Вазорати мудофиа, раёсати Бунёди «Нуроний»-и ҷумҳурӣ ва Шӯрои собиқадорон раёсати маҳалла ва дастгирии оилаи вилояти Тошканд супурда шуданд. Дар чорабинӣ муовини раиси раёсати бунёди ҷумҳуриявии «Нуроний» Шуҳрат Усмонов иштирок кард.

Аксбардор: Даврон АҲМАД.

НИШОНҲОИ САРИСИНАГӢ СУПОРИДА ШУД

Дар байни онҳое, ки бо фармони Президент аз 26-уми август бо нишони сарисинагии «Меҳр-саховат» мукофотонида шуданд, аз вилояти Самарқанд низ як гурӯҳ ходимони тиббиёт, тадбиркорон, вакилони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамоатӣ буданд.

Дар ҳокимияти вилоят маросими бо тантана супурдани ин мукофотҳо баргузор гардид.

Дар он ҳокими вилоят Э. Турдимов ба 36 нафар нишонҳои сарисинагиро ботантана супорид.

– Ду сол пеш ҳазинаи "Ҳайрия ишлари"-ро ташкил карда будам, – гуфт магистранти соҳаи иқтисоди Донишкадаи давлатии иқтисодиёт ва сервиси Самарқанд Ширин Мирзоева. – Дар он вақтҳо чунин тадбирҳои хайриявии оммавӣ набуданд. Ба оилаҳои эҳтиёҷманд то ҳадди имкон ёрӣ мерасондем. Дар даври пандемия шумораи оилаҳои ба кӯмак мӯҳтоҷ зиёд шуд. Ҳамаи имкониятамонро сафарбар карда, ба оилаҳои камтаъмин, пирони танҳо, бачаҳои бепарастор хӯрокворӣ ва сарулибос додем. Дар таъмири хонаҳояшон ёрӣ расондем. Муҳимаш дар шароити вазнин ба халқамон нафъамон расид, ки аз ин хурсандем. Бо нишони сарисинагии "Меҳр-саховат" қадр гардиданамро интизор набудам. Ин мукофот кори оғознамудаамонро боз ҳам инкишофу равнақ медиҳад.

ТАЛАБ БА МАҲСУЛОТИ ШОҲИИ МО ЗИЁД МЕГАРДАД

Дар деҳаи Меҳнатободи ноҳияи Учкӯпруки вилояти Фарғона ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Учкӯприк ипаги» ба кор шурӯъ кард.

Дар ин ҷо омода кардан ва ба содирот баровардани даҳ намуди маҳсулотро, аз қабили атласу адрас ва гилем ба нақша гирифтаанд.

— Дар зинаи аввали бизнес-реҷа барои 25 нафар занону духтароне, ки дар биноҳои бисёрошёнаи ҳудуд ба сар мебаранд, ҷойи кории доимӣ фароҳам оварда шуд,— мегӯяд роҳбари ҷамъият Абдуҳафиз Мамачонов.— Барои ба Тоҷикистони ҳамсоя содир намудани маҳсулоти аввалини корхона, шартнома ба имзо расид. Дар айни замон талабу пешниҳоди бозорҳои Туркия, Эрон, Хитой ва Аврупо омӯхта мешавад. Ба маҳсулоте, ки аз абрешими табиӣ омода мегардад, дар давлатҳои Осиё ва араб низ таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд.

Дар 5 гектар замини ҳудуди корхона барои ба вуҷуд овардани базаи озуқа, бино ва тачрибаи Хитой, плантатсияи тут ташкил дода шуд. Тибқи бизнес-реҷаи соҳибкор, дар зинаи баъдӣ роҳандозии кору фаъолияти автокемпинг, меҳмонхона, шохобчаҳои сервис ва хидматнишондиҳии тобеи корхона, ки дар қади шоҳроҳи автомобилгарди байналхалқӣ воқеъ аст, пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин барои ташкили экотуризм бунёди боғҳои ангуру гелос, рушди соҳаҳои шутуру занбӯрпарварӣ саъю кӯшиш ба харҷ дода мешавад.

— Дар муддати кӯтоҳ занону духтароне, ки тибқи анъанаи «Устоду шогирд» кор сар карда буданд, асрори ин касбро омӯхтанд,— мегӯяд ҳунарманди шинохтаи марғелонӣ Гулчеҳра Маматова.— Бовар дорам, ки газворҳои нафисе, ки аз абрешим бофта мешаванд, натанҳо дар мамлакатамон, балки дар бозорҳои ҷаҳон низ харидорони худро меёбанд.

Бино ба фикри роҳбари ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Агропилла»-и ноҳияи Учкӯпрук Кӯпайсинхон Назарова, солҳои баъдӣ пиллакорӣ дар ноҳия ба соҳаи сердаромад табдид ёфтааст. Имсол таъминоти тухми кирми пилла комилан маҳаллӣ кунонида шуда, аз он чор маротиба ҳосил рӯёндаанд. Дар навбати аввал 150 тонна пилла ба даст омад.

Дар ҳоли ҳозир дар ноҳия беш аз 100 гектар плантатсияҳои тут мавҷуданд.

Дар тӯли ҳашт моҳи соли равон ҳиссаи ба содироти вилоят зам намудаи пиллакорони фарғонагӣ 3 миллиону 887 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод. То охири сол ҳаҷми содирот бештар хоҳад шуд.

Дар моҳи декабри соли равон дар пойтахти Русия — шаҳри Маскав ярмаркаи байналхалқии савдои газворҳои абрешимин баргузор хоҳад шуд. Агар вазъияти вобаста ба пандемияи коронавирус рӯ ба беҳбудӣ оварад, гурӯҳе аз соҳибкорони фарғонагӣ дар он иштирок намуданиянд.

М. СУЛАЙМОНОВ,
хабарнигори ЎзА.

Маросими имзогузории Меморандуми ҳусни тафоҳуми байни Бунёди «Эл-юрт умиди» ва Мактаби донишкадаи фаронсавии нафт «IFP School» баргузор шуд.

БУНЁДИ «ЭЛ-ЮРТ УМИДИ» ВА МАКТАБИ ДОНИШКАДАИ ФРОНСАВИИ НАФТ ДАР БОРАИ ҲАМКОРӢ БОБАТИ ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲОИ БАЛАНДИХТИСОС ШАРТНОМА БАСТАНД

«IFP School» (l'Institut franc,ais du petrole) соли 1954-ум ташкил ёфт ва ба ҳайати Донишкадаи тадқиқотии нафт, сӯзишворӣ ва маводи молидании «IFPEN»-и Фаронса дохил мешавад. Бинобар 17 самт барномаи магистириро пешниҳод менамояд, ки 7-тои онҳо ба забони англисӣ мебошанд. Мутахассисонро дар соҳаҳои нафту химиё, коркарди нафт, газ ва неруи манбаъҳои нав тайёр мекунад. 80 фоизи донишҷӯён аз ҳисоби маблағи субъектҳои саноатӣ таҳсил мегиранд, тақрибан нисфи донишҷӯён хориҷӣ мебошанд. Сатҳи бо кор таъкинкунӣ 90 фоизро такшил медиҳад.

Меморандуме, ки маросими имзои онро сафоратҳонаи Ўзбекистон дар Париж омода намуд, самтҳоро дар магистрант ва докторантҳои Бунёди «Эл-юрт умиди» дар Фаронса барои таълим ва тадқиқот дар «IFP School», иштироки мутахассисони ватанӣ дар машвараҳо, тренингҳо, ҳамчунин дар таҷрибаомӯзӣ, ки муассисаи таълимии Фаронса пешниҳод менамояд, иштирок мекунанд.

Муоҳида дар бораи ба имзо расондани Меморандуми ҳусни тафоҳуми байни ду муассиса ҳангоми сафари ҳайати «IFP School» ба Тошканд моҳи декабри соли гузашта, ки дар ҷараёни он ҳамчунин вохӯриҳо дар Донишгоҳи давлатии техникии Тошканд ва Донишкадаи химиёвӣ технологияи Тошканд ташкил гардиданд, ба даст омада буд.

АИ «Дунё»,
ПАРИЖ.

ҶАҲОН РАВШАН ЗИ НУРИ ХИРАДИ ЎСТ...

Дар арафаи Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён дар Маркази байналмилалии конгресси Тошканд бо иштироки роҳбари давлатамон маросими бошукӯҳ баргузор гардид. Як гурӯҳ омӯзгорон, мураббиён ва тарбиячиёни фаъоли самарқандӣ дар Маркази ҷавонони Самарқанд ҳозир шуда, онро онлайн тамошо карданд.

Иштирокчиёни тадбир табрикоти идона ва мурочиати Президентро ба ходимони соҳа шуниданд.

Ҳоло дар сохтори таълими халқи вилоят 1247 мактаби таълими умумӣ, 8 мактаб-интернати махсус, 1 хонаи меҳрубонӣ ва 17 маркази «Баркамол авлод» фаъолият мебарад. Дар ин масканҳо беш аз 54 ҳазору 500 нафар омӯзгор ва мураббиён ба авлоди наврас таълиму тарбия медиҳанд.

Мувофиқи фармони вазири таълими халқ барои фаъолӣ ва корҳои фидокорона дар таълиму тарбияи авлоди баркамол, ҳиссаи арзанда барои ба воя расондани ҷавонони босалоҳият 50 нафар педагогҳо бо нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқ» ва 3 нафар бо «Фидоии таълими халқ» мукофотонида шуданд.

Ҳоло 29 нафар омӯзгор ва мураббиёни самарқандӣ унвони ифтихории «Муаллими халқии Ҷумҳурии Ўзбекистон», 31 нафар «Ходими хизматнишондодаи таълими халқи Ҷумҳурии Ўзбекистон», 35 нафар «Мураббии хизматнишондодаи ҷавонони Ҷумҳурии Ўзбекистон» ва 3 нафар «Устоди хизматнишондодаи спорти Ҷумҳурии Ўзбекистон» шудаанд.

Пас аз маросим ҳокими вилоят Э.Турдимов иштирокчиёни тадбирро бо ид табрик карда, ба пешқадамони соҳаи таълиму тарбия ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравии ҳокимиятро супурд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
мухбири «Овози тоҷик».
Вилояти САМАРҚАНД.

Муҳаммад ШОДӢ

БА ВОИЗҲОИ ТУ ГУФТОР ЗЕБАД

Ба дил пайванд то роҳи забонҳо,
Чи сон обод даргоҳи забонҳо.
Дариям, бо ту «Шаҳнома»- аст чун сабт,
Ту ҳастӣ, бегумон, шоҳи забонҳо.

***

Баландӣ хос бар гардуни тоҷик,
Ҳамият дар дилу дар хуни тоҷик.
Дили огоҳ дорӣ, ҳамзабонам,
Чу донӣ маънию мазмуни тоҷик.

***

Ту будӣ осмони беканора,
Суханварҳои ту беш аз ситора.
Дар ин марзе, ки аз бобои ту монд
Шавӣ, эй қавм, аз чӣ камшумора?

***

Ҳамеарзад чу фахрӣ бо писарҳо,
Писарҳои ту аз болоназарҳо.
Дарии ман, чу Саъдӣ шаҳписарҳот
Гузориданд аз ҳуд шоҳасарҳо.

***

Дарии ман, туро дарбор зебад,
Ба Фирдавсии ту дастор зебад.
Ғазалҳои равон бар Ҳофизи ту,
Ба Воизҳои ту гуфтор зебад.

***

Забони ман забони тоҷварҳо,
Муқаддарҳо, музаффарҳо, ҳунарҳо.
Куҷо донанд эҳсоси дили ман
Дур аз мадди назарҳо, бехабарҳо.

***

Самарқанд аз дигар бунёд мекард,
Бинои маърифат обод мекард,
Бишуд Соҳибқирон вирди забонҳо
«Тузукот» чун дарӣ эҷод мекард.

***

Забони модариям – ифтихорам,
Туӣ шаъну шукӯҳу эътиборам.
Ту гӯӣ Рустамам аз «Шоҳнома» –
Забони модариям – иқтидорам!

***

Яке эъҷоз парвози сухан низ,
Суханпардоз мурғони чаман низ.
Маро ҳаммодаранд ин ҳамзабонон –
Умумӣ гӯиё модар-ватан низ.

***

Чу булбул дӯст дорӣ ин чаманро?
Ҳаводорӣ ту ҳам базми суханро?
Забони модариро дӯст дорӣ
Ба қадре дӯст дорӣ ин Ватанро?

***

Агарчанде ки дар як хона ҳастем,
Яке шамъу яке парвона ҳастем,
Наронӣ бо забони модарӣ ҳарф
Писарчон, мову ту бегона ҳастем!

***

Забонгумкарда шеъри мо нахонад,
Забонгумкарда даври мо наронад!
Забони аҳли хулдии дариро
Забонгумкарда донад ё надонад...

***

Аз он дам килк Умар Хайём меронд,
Ҷаҳон мафтун ба шеъри форсӣ монд.
Канӣ акнун дарӣ донист дунё –
Рубоиҳои ӯ дар асл мехонд!

***

Дарӣ, бинмой рӯи Рӯдакиро,
Ҷавонтолеъ он пири закиро.
Дарии ман, кушо дамҳои пирӣ
Дари афсонаҳои кӯдакиро.

***

Дарии ман, туӣ бар ҷои модар,
Расӣ бар гӯш чун овои модар.
Дарии ман, забони модариам,
Дароям бо ту бар маъвои модар.

***

Ду-се ноҷинс минбар мефурӯшад,
Ду-се ноҷинс гавҳар мефурӯшад.
Худоё, аз барои ҷоҳу мансаб,
Ду-се ноҷинс модар мефурӯшад!

***

Ҷигар дорӣ-надорӣ, ҳамзабонам?
Шарар дорӣ-надорӣ, ҳамзабонам?
Диҳад умри занеро, ки туро зод,
Падар дорӣ-надорӣ, ҳамзабонам?

***

Ту берун аз назарҳоӣ, бародар,
На аз мо, аз дигарҳоӣ, бародар.
Забони модариро хор кардӣ,
Ту ҳам з-«оқи падар»-ҳоӣ, бародар?

***

Забонҳои дигар донӣ, азизам,
Сухан бо сад забон ронӣ, азизам.
Забун, аммо, забони модариат,
Сари ҳар ҳарф дармонӣ, азизам.

***

Забонҳои дигар то мепарастӣ,
Гумон дорем, фарзанди кас астӣ!
Ту ҳам пайванд бар кӯҳи баландӣ?
Ба кӯҳистонӣ хос ин гуна пастӣ?!

***

Ман аз ту муслим, имон астӣ, охир,
Маро шаъну маро шон астӣ, охир.
Надорам дӯст аз ҷон ҳамчу фарзанд?
Забони модари ҷон астӣ, охир!

***

Пур аз ганҷина чун ту кӯҳсоре?
Сафобахш аз ту бошад обшоре?
Забони модарӣ, ин дурри дунё
Чӣ назди бебаҳоие, ки дорӣ?

***

Чу бинмуданд хор ин нохалафҳо,
Накарданд эътибор ин бетарафҳо,
Забон, дар ҳифзи ту ҷон месупорем,
Наем аз бетараф, аз бешарафҳо!

***

Ба Боборӯдакии хеш меноз,
Бихон ӯ – хуш наво оғоз месоз.
Падарҳо то ризо монанд аз ту
Забони модарӣ бинмой эъзоз.

***

Чи хуш, ҳамчун навозишҳои модар,
Ҳама ҳарфу ҳичоят рӯҳпарвар.
Гуворо ҳар дами соҳибзабонон,
Ту ҳастӣ дар даҳон то тозаву тар!

Дар сурат: *муаллимаи таълими ибтидоии мактаби миёнаи таълими ҳамагонии рақами 20-уми ноҳияи Тайлоқи вилояти Самарқанд* ***Маҳбуба Раҳматова*** *бо шогирдонаш.*

Муаллими аввалини ман

Муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби миёнаи таълими ҳамагонии рақами 20-уми ноҳияи Тайлоқи вилояти Самарқанд Маҳбуба Раҳматоваро аксар сокинон дар ҳудуди маҳаллаи «Панҷшанбасиёб»-и ноҳия эъзоз мекунанд.

Маҳбуба Раҳматова, ки сию як сол боз дар ин даргоҳи таълим бачагони бори аввал ба мактаб омадаро ба оғӯш гирифта ба онҳо хату савод, хондан ва завқи саводбарориро меомӯзад, имрӯз низ бо меҳри беш аз беш ба корҳои таълиму тарбия машғул мебошад. Он чиз боиси эътибор аст, ки фарзандони нахустин шогирдонаш низ мехоҳанд аз ин устод таълиму тарбия бигиранд. Бинобар ҳамин ҳам алҳол 18 нафар хонандагони синфи 2-юми «В» фарзандони шогирдони собиқи ӯ мебошанд.

– Ҳангоми толиба будан мехостам муаллима шавам, – мегӯяд М. Раҳматова. – Он рағбат ва орзую ҳавас то ҳол ба дилам рӯшанӣ мебахшад. Бо гузашти солҳо мехрам ба касби писандидаи хеш меафзояд. Меҳоҳам бештар бо хонандагон бошам, барои аз ҳар дақиқа пурсамар истифода бурдани онҳо кӯмак расонам, шогирдонро бештар саводнок кунам. Дар давоми фаъолияти ҳуд ғайр аз талаботи муайяншуда бобати ҳавасмандии хонандагонро зиёд кардан, иштиёқи онҳоро ба илмомӯзи бештар намудан саъй мекунам. Бинобар ҳамин ҳам дар фаъолияти ҳуд ба мусобиқаи тарафайни шогирдон, афзудани дониши онҳо бо ин роҳ эътибор медиҳам.

Дар мактаби таълими ҳамагонии рақами 20-ум се нафар шогирдони собиқи Маҳбуба Раҳматова, ки аз вай таълим гирифтаанд, якҷо бо устоди ҳуд кор мекунанд.

Маҳбуба Раҳматова, ки ба эътироф ва эъзози хонандагон, ҳурмату эҳтироми ҳамкасбон созовор шудааст, барои меҳнати фидокоронааш дар соҳаи таълиму тарбия ва дар натиҷаи ҷустуҷӯйҳои мунтазам соли 2009-ум бо нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» мукофотонида шудааст.

Суратгир:
А. ИСРОИЛОВ (ӮзА).

Муҳити мусоид барои ташаккули зеҳнии кас таъсири калон дорад. Аз сӯи дигар барои интихоб кардани ягон пеша таъсири муҳити оила ва мактаб низ назаррас аст. Азбаски падарам ҳуд омӯзгорӣ кардааст, аз ин рӯ барои соҳиби касби пуршараф шудан такон бахшид. Ҳоло ҳам дар дами пирӣ ба мо – фарзандон маслиҳатҳои муфид медиҳад.

КАСБРО ШАРАФ МЕДОНЕМ

Соли 2011 дар қисмҳои ҳарбии вилояти Тошканд хидматро ба ҷо оварда, ба Донишкадаи давлатии омӯзгории Чиззах дохил шудам. Зимни таҳсил дар донишкада кӯшиш ба харҷ додам, ки узви фаъоли тадбиру чорабиниҳо бошам. Баъди гирифтани тахассуси омӯзгори фанни география ба зодгоҳам – деҳаи Поршт омада, ба фаъолият шурӯъ намудам. Дар ин муддат ду бор дар озмуни «Заковатли ёшлар», ки бо ташаббуси ҳокими ноҳия баргузор гардид, иштирок карда ва ҳамроҳи шогирдонам ҷойи аввалро гирифтам. Дар ин озмунҳо ба он муваффақ гардидем, ки ҷоми ҳоким таъсиснамударо ба даст оварем.

Ҳоло дар мактаби рақами 13-уми деҳаи Поршт баробари ба насли наврас сабақ додан вазифаи пурмасъулияти ҷонишини директор оид ба корҳои таълимро бар ӯҳда гирифтаам. Собир Эргашев, Сарибой Яршев, Намозбой Шарифуллоев ва Садбарг Аллаевахо барин устодон ба ман, бародарам Холмурод ва дигар омӯзгорони чавон дарси маҳорат меомӯзонанд. Барои баланд бардоштани мавқеъ ва обрӯи омӯзгор аз тарафи ҳукумат бо ташаббуси Сарвари давлат пайваста ғамхорӣ зоҳир карда мешавад. Ин ҳол моро хеле шод мегардонад. Ҳамаи ҳампешагонро бо чашни гузаштаашон саминона муборакбод менамоям ва таманно мекунам, ки дар роҳи адои касби шарафнок асло монда набошанд.

Ҳофиз ШАРИФОВ,
омӯзгори мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 13-уми деҳаи Поршт ноҳияи Фориш.

МАТНИ «МАСНАВӢ» БА НАСР

Достони гуфтугӯйи чӯпон бо Худо ва иштибоҳи Ҳазрати Мӯсо

Ҳазрати Мӯсо (а) чӯпонеро дар саҳро мебинад, ки бо Худо ин қабил мунозираву саволу ҷавоб дорад: «Эй Худованд! Ту куҷоӣ, ки ман чокарат (хидматгор) шавам, ҷоруқатро бидӯзаму саратро шона кунам! Эй Худои азизи ман, ҷони ман, ҷони зану фарзандон ва ҳама хонумони ман фидои ту бод! Биё, ки бароят ҷомае дӯзам, пероҳани даридаатро бахя занам, шабушҳоятро бикушам, ба пешат ширу чурғот биёраму меҳмондорият кунам. Дастакатро бибӯсаму поятро бимолам, дар вақти хоб ҷоғаҳатро рӯбу чин кунам, тахти хобатро омода созам. Эй Худои меҳрубони ман, ҳамаи бузҳои ман фидои ту бод! Ин ҳама ҳай-ҳаю ҳой-ҳойи чӯпонии ман аз баҳри туст, эй Парвардгори ягонаи ман!»:

Дид Мӯсо як шубонеро ба роҳ,
К-ӯ ҳамегуфт, эй Худованд, эй Илоҳ.
Ту куҷоӣ, то шавам ман чокарат,
Ҷоруқат дӯзам, занам шона сарат.
Эй Худои ман, фидоят ҷони ман,
Ҷумла фарзандону хонумони ман.
Ту куҷоӣ, то сарат шона кашам,
Ҷоруқат дӯзам, шабушҳоят кушам,
Ту куҷоӣ то шабушҳоят кушам,
Шир пешат оварам, эй муҳташам.
Дастакат бӯсам, бимолам поякат,
Вақти хоб ояд, бирӯбам ҷоякат.
Эй фидои ту ҳама бузҳои ман,
Эй ба ёдат ҳей-ҳейю ҳойи ман.

Хулоса, он чӯпон аз ин намат (навъ) беҳудагӯиҳо бисёр мегуфту менолид ва ба Худои ҳуд изҳори муҳаббат мекард. Иттифоқо ҳазрати Мӯсо (а) аз он дашт мегузашт, ин ғиреву лоба ва суханҳои чӯпонро шунида аз ӯ пурсид, ки «бо кӣ ин қадар розу ниёз дорӣ ва мегирӣ?»:

З-ин намат беҳуда мегуфт он шубон,
Гуфт Мӯсо: «Бо киястат, эй фалон?».
Гуфт: «Бо он кас, ки моро офарид,
Ин замину чарх аз ӯ омад падид».

Чӯпон ба Мӯсо (а) гуфт, ки бо он Худое розу ниёз дорам, ки маро ва ин замину осмонҳоро офаридааст. Мӯсо (а) ба ғазаб омад, бар сари чӯпон фарёд зада гуфт: «Ту хирасар (ҷоҳил) шудӣ, ҳанӯз мусулмон нашуда кофир гардидӣ! Ин чӣ гуна жожхоиву куфру сангингӯйист, ки ту мегӯӣ?... Беҳтар пунбае (пахтае) гиру бо он даҳони бедарвозаи ҳудро банд! Ин суханони ганду куфромези ту тамоми ҷаҳонро ганда кард. Аз наҳусати куфри ту дебои (пероҳан) дин жанда гашт... Ҷоруқу пойтоба лоиқи туст, на лоиқи Худованд! Магар Офтоб ба ҷоруқу пойтоба ниёз дорад?... Агар ҳалқатро аз гуфтани чунин газофҳо набандӣ, ғазаби Худованд ба сурати оташ омада, ҳама халқонро месӯзонад!»:

Гуфт Мӯсо: «Ҳой, хирасар шудӣ,
Ҳуд мусулмон ношуда кофар шудӣ!
Ин чӣ жожасту чӣ куфр асту фашор...
Панбае андар даҳони ҳуд фишор!
Ганди куфри ту ҷаҳонро ганда кард,
Куфри ту дебои динро жанда кард.
Ҷоруқу потоба лоиқ мар турост,
Офтоберо чунинҳо кай равост?!...
Гар набандӣ з-ин сухан ту ҳалқро,
Оташе ояд, бисӯзад халқро!».

Чӯпони содаи бечора чун ин ҳушдори Ҳазрати Мӯсоро мешунавад, маъюсу ғамгин мегардад ва аз гуфтаҳояш пушаймон гашта, ҷома медараду оҳе сард аз дили пурдард кашида, сар ба биёбон мениҳад ва бо ашки шашқатор дур мегардад:

Гуфт: «Эй Мӯсо, даҳонам дӯхтӣ,
В-аз пушаймонӣ ту ҷонам сӯхтӣ»...
Ҷомаро бидриду оҳе кард тафт,
Сар ниҳод андар биёбоневу рафт...

Дар ин ҳол аз тарафи Худованд ба Ҳазрати Мӯсо (а) ваҳӣ нозил мегардад, ки «эй Мӯсо чаро бандаи самимии маро аз мо чудо кардӣ?... Ту барои васл кардан муваззаф шудаӣ, на барои фасл кардан! Мо (яъне Худованд дар аксар ҷойи Қуръон низ ба ҳуд, чун «мо» мурочиат мекунад) ба ҳар кас, тибқи лаёқату тавони ӯ, сирате додем ва мувофиқи дониши ӯ бар ӯ истилоҳоте баргузидаем. Эй Мӯсо! Ту дили поку содаи бандаи самимии моро ранҷондӣ, мадҳи софу беолоиши он содачӯпон барои мо аз ҳушдори шаръии ту авлотар аст, зеро ки бо ин амали мазмумат (мазамматалуд) ҳабиби моро аз мо чудо сохтӣ, барои ҳиндиён истилоҳи ҳиндӣ ва барои синдиён истилоҳи синдӣ ҳуштар аст, мо аз он ки он чӯпони содадил гуфт ва тасбиҳи моро кард (покии моро сутуд) поктару муназзаҳтар нахоҳем шуд, балки онҳо ҳудашон ва ҷонашон поктару беолоиштар мегардад. Зеро онҳо аз сари сидқу самимияту ихлос ба мо муночот мекунанд: ту танҳо ба сурати ҳарфҳои чӯпон нигаристӣ, на ба сирати он, на ба аъмоқи пур аз муҳаббати дили ӯ, мо буруну қолро (суханро) нахоҳем нигарист, балки назари мо равона ба сӯйи даруну ҳол аст, мо бар он қалбе пайваста назар дорем, ки ҳошеъ (пур аз муҳаббату ибодат) бар мост, ҳарчанд гуфтору алфозаш нохозеъ (дарҳаму барҳам, жож) бошад, дили он чӯпон гавҳарест бебаҳо, ки саршор аз муҳаббати мост ва забонаш ҷуз василае беш нест, яъне ғаразеро мерасонад ва мо муҳаббати беғаразонаи холисро меписандем, ҳар навъе, ки гуфта шавад. Ту бояд дар дили бандагони ман оташи ишқи моро барафрӯзӣ ва сар ба сар ҳамагуна андешаву ибодатро бисӯзӣ, миллати ишқ аз ҳама динҳо ҷудо аст, ошиқонро мазҳабу миллат танҳо Худост:

Вахӣ омад сӯйи Мӯсо аз Худо,
Бандаи моро чаро кардӣ ҷудо?...
Ту барои васл кардан омадӣ,
Не барои фасл кардан омадӣ...
Ҳар касеро сирате бинҳодаем,
Ҳар касеро истилоҳе додаем.
Дар ҳақи ӯ мадху дар ҳаққи ту замм,
Дар ҳақи ӯ шаҳду дар ҳаққи ту самм.
Ҳиндиёнро истилоҳи ҳинд мадҳ,
Синдиёнро истилоҳи Синд мадҳ,
Ман нагардам пок аз тасбеҳашон,
Пок ҳам эшон шаванду ҷонфишон.
Мо бурунро нангарему қолро,
Мо дарунро бингарему ҳолро.
Нозири қалбем агар хошеъ бувад.
Гарчӣ гуфту лафз нохозеъ бувад.
З-он ки дил ҷавҳар бувад, гуфтан – ғараз,
Пас туфайл омад араз ҷавҳар ғараз.
Оташе аз ишқ дар ҷон барфурӯз,
Сар ба сар фикру ибодатро бисӯз!
Миллати ишқ аз ҳама динҳо ҷудост,
Ошиқонро мазҳабу миллат Худост!».

Чун Мӯсо (а) ин итобу хитоб ва сарзаниши Худовандро шунид, аз ранҷондани дили поки чӯпон сахт пушаймон шуд, дар биёбон аз пайи он чӯпон шитофт. Оқибат, пас аз ҷустуҷӯҳо чӯпонро биёфту гуфт: «Мужда деҳ, ки аз тарафи Худо дастуре дар мавриди ту расид ва он ин аст, ки ҳар чизе, ки гуфтӣ аз сари сидқу ихлос буд ва аз тарафи Худованд пазируфта шуд, дар роҳи ишқ ба Ҳаҳ ҳеч гуна одобу тартибе (яъне анвои ибодат мачӯй ва ҳар чӣ ки дили тангат мехоҳад, бигӯй!).

Чунки Мӯсо ин итоб аз Ҳаҳ шунид,
Дар биёбон аз пайи чӯпон давид.
Оқибат дарёфт ӯрову бидид,
Гуфт: «Мужда деҳ, ки дастуре расид,
Ҳеч одобеву тартибе мачӯй,
Ҳарчи мехоҳад дили тангат бигӯй!».

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта. Давом дорад).

Баргардониши
Файз МАҲМУД.

ЗАБОНИ ХАЛҚҲО – СИТОРАҲОИ САМО

Дар китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи «забон» чунин шарҳ ёфтааст:

1. Узвест иборат аз порчаи гӯшти мутаҳаррик дар даҳон.

2. Воситаи ифодаи фикр ва алоқа бо мардум.

Оре, забон муҳимтарин воситаи алоқаи байни инсонҳост. Худованди бузург ба инсон забони гӯё ва аҷлу хирад ато карда, ӯро нисбат ба дигар офаридаҳояш афзал шумурдааст. «Забони модарӣ бо шири модар ҳазм мешавад» (Муҳаммадҷон Шукуров) ва меҳри он бо суруди аллаи модар ба ҷисму ҷон ворид мегардад. Аз ин рӯ модарро метавон «нахустустод» шуморид. Бинобар ин ҳар шахси хештаншиносу худогоҳ забони модариро пок ва муқаддас медонад.

Дар ватани мо зиёда аз сад халқу миллат бо ҳам дӯстона зиндагӣ доранд, бо забони модариашон гуфтугӯ менамоянд, марказҳои маданӣ миллатҳои гуногун амал мекунанд, забони давлатиро медонанд ва ба он эҳтиром мегузоранд.

Яке аз забонҳои муҳиму серистеъмол дар Ӯзбекистон забони тоҷикист. Номҳои ёдгориҳои таъриху хиёбонҳои мамлакат, маҳалҳои зист... гуваҳи бузургу бостонӣ будани забони тоҷикӣ мебошанд. Бо ифтихор аз забони тоҷикӣ мехостем аз бузургони ҷаҳонӣ, ки мафтуни ин забону ин халқ ва фарҳангу осори хаттии мо шудаанд, намунаҳо орем.

Осиёи Маркази ғаҳвораи забони форсӣ-тоҷикист. Донишманди машҳури эронӣ Саид Нафисӣ навиштааст: «...забони имрӯзи мо дар ҳамон навоҳии Осиёи Миёна, ки қисмати умдаи он имрӯз ҷузви Тоҷикистон аст, наҳуст падидор шуда, ... забони саросари Эрон гардидааст».

Пайғабарамон – Муҳаммад (с.а.в.) бо ифтихор гуфтаанд: «Валадату ано фи замони-с-султони-л-одил», яъне Ман дар замони подшоҳи одил таваллуд ёфтаам. Дар замони таваллуди Расули Худо (с.а.в.) дар қаламрави арабҳо ҳанӯз давлатдориву давлати ягона набуд, ин ҷо шоҳи сулолаи Сосониён Хусрави 1-и Анӯшервони Одил (ҳукмрониаш 531-579) дар назар дошта шудааст. Ба саволи чаро қабилаҳои араби оду самуд нобуд шуданду форсҳо не? Сарвари коинот (с.а.в.) посух доданд: «Барои он ки форсҳо ободонсозанд ва додгустаранд миёни бандагони худо». Инчунин, аз ҳадисе бо мазмуни «Илм дар сурайё бошад ҳам, форсҳо онро ба даст меоранд» хабардорем. Зарбулмасали боснягӣ низ ҳаст: «Агар хоҳӣ ба биҳишт бирасӣ, бояд забони форсӣ бидонӣ». Бо такя ба устод Мӯҳсин Умарзода ёдовар шудан мумкин аст, ки ҳатто дар Қуръон як саду сенздаҳ калимаи тоҷикӣ дар шакли арабишуда истифода шудааст.

Адиби маъруфи Фаронса Денни Дидро (1713-1784) бо осори бузургони мо ошно буд. Ӯ мақолаҳои илмии «Форсҳо», «Шарқ», «Занд-Авесто»-ро навиштааст. Дар мақолаи «Сарассинҳо» ӯ дар бораи Абӯнасри Форобӣ, Закариёи Розӣ, Насриддини Тӯсӣ, Абӯали ибни Сино... сухан меронад. Ба Саъдӣ ихлоси махсус дошт. Барои Дидро «Гулистон» ёдгории маъруфи хиради ҳамватанони Саъдист, бинобар ин мақолаи «Сарассинҳо»-ро бо панду ҳикматҳои «Гулистон» ҳусни анҷом додааст.

Шарқшиноси Анкетил Дюперрон (1731-1805) аз ҷавонӣ ба омӯзиши забону оинҳои қадимаи форсиён шавқ дошт, бо мақсади омӯзиши нахустосори мо «Авесто» 8 сол дар Ҳиндустон зиста, 115 асарро пас аз бозгашт ба Париж – ба Китобхонаи Шоҳӣ супорид, ки аксар осори адибони форсу тоҷик будаанд, аз ҷумлаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ Ҷалолиддини Балхӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдӣ, «Ҳамса»-и Низомии Ганҷавӣ, «Девон»-и Ҳофиз, асарҳои Мавлоно Ҷомӣ ва дигарон.

Шоири англис Ҷорҷ Байрон (1788-1824) дар ҷавонӣ ашъори Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофизро пайваста мутолиа мекард. Дар пайравии Ҳофиз достони «Бармаид»-ро эҷод кард. Дар офаридаҳои Байрон рӯҳи ватанҳоҳии «Шоҳнома» ва образҳои «Гулистон»-и Саъдӣ эҳсос мешавад.

Адиби бузурги Олмон Иоҳан Гёте (1749-1832) ба осори адибони Шарқ, хусусан форс-тоҷик рағбати зиёд дошт. Ӯ гуфтааст, ки форсизабонҳо ҳафт танро паёмбарони шеър меҳисобанд, ҳол он ки чандин бузургони дигар низ мавҷуданд, ки аз ман чандин зина болотаранд. Ӯ мафтуни ғазалиёти Ҳофиз гашта, бо осори Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдӣ ва Ҷомӣ ошно шуд, дар ҳамин замина «Девони ғарбию шарқӣ»-ро навишт. Бузургии Ҳофизро дар бисёр шеърҳояш ситоиш кардааст, аз ҷумла дар шеъри «Бепоён» мегӯяд:

Ҳофиз ту мисоли ҷовидонӣ,
Чун умри абад надорӣ поён.
Ҳар як ғазалу чакомаи ту,
Ҳар нақши сарири хомаи ту.
Вобаста фақат ба хеш бошад,
Чун чанбари осмони гардон...

Дигар як шоири немис Генрих Гейне (1797-1856) низ ба бузургони адабиёти форсу тоҷик таваҷҷуҳи махсус дошт. Саъдиро «Гётеи эрониён» номидааст. Ӯ навишт: «Эй Фирдавсӣ! Эй Низомӣ! Эй Саъдӣ! Олмон шоирони бузург дорад..., вале ҳамагон дар назди Ҳофизу Низомӣ ҳеҷанд!...» Шоир шефтаи манора ва гулгаштҳои Исфаҳону бӯстонҳои Шероз буд. Офаридаҳои бузургони мо шиорҳои зиндагии шоир буданд. Ҳудро пайрави Ҳофиз медонист. Лаҳни форсиро ба хониши булбул монанд кардааст. Шеъри «Шоир Фирдавсӣ» аз шеърҳои тарҷумаиҳолии Гейне мебошад:

Дар ин дунёи ноҳамвори
каҷрав,
Якеро нуқраю зар бешумор
аст.
Дигар дар зери бори фоҷа
умре,
Ба як пули сиёҳи тоҷ зор
аст...

Мутафаккирони немис Карл Маркс ва Фридрих Энгелс низ дилбохтаи мероси адабии ниёгони бузурги мо буданд. Ф.Энгелс дар мактубаш ба Маркс «надонистани забони форсӣ ин бадбахтист» – гуфтааст. Ҳатто Карл Маркс аз рӯйи муҳаббат ба Фирдавсию «Шоҳнома» ба духтараш – Элеонора Тӯсӣ (Туси) тахаллус гузошта, ба ӯ «Туси» гӯён мурочиат мекардааст.

Сардафтари адабиёти рус Пушкин (1799-1837) ба адабиёти форсу тоҷик таваҷҷуҳи хосса дошт. Дар достони «Фавворааи Боғчасарой» ду байти зеринро аз Саъдӣ ба ҷойи эпиграф овардааст:

Бар ин чашма чун мо басе
дам заданд,
Бирафтанд чун чашм бар
ҳам заданд.
Чаро дил ба ин корвонгоҳ
нихем,
Ки ёрон бирафтанду мо дар
раҳем.

Пушкин шеъре бо номи «Илҳом ас Ҳофиз» дорад, шоир мазмуни шеъри машҳури «Ҳайкал» («Памятник»)-ро аз гуфтаи Фирдавсӣ «Биноҳои обод...» гирифтааст.

Шоири маҳбуби рус Сергей Есенин (1895-1925) дилбохтаи адабиёту маданияти форсу тоҷик буд, бино ба он силсилаи шеърҳои «Савтҳои форсӣ»-ро навиштааст.

Собиқ роҳбари Иттифоқ Иосиф Сталин бо осори ниёгони мо шиносоӣ дошт, «Шоҳнома» писандаш буд. Аз Камол Айнӣ ба ёд меояд, чун устод Садриддин Айнӣ огоҳ шуд, ки дар «рӯйхати сиёҳ» номаш ҳаст, хеле ғамгин гашт. Шоири инқилобӣ, узви Интернатсионали байналхалқӣ Абулқосим Лоҳутӣ дар Маскав зиндагӣ дошт, бо ин масъала ҳамроҳи Арбоби давлатӣ назди Сталин даромаданд. Сталин ба роҳбари НКВД Лаврентий Берия занг зада, танҳо як ҷумла мегӯяд: «Ба Айнӣ нарас, ӯ вориси Рӯдакиву Фирдавсии бузург аст!».

Ба гирдоби нобудӣ афтидани забони форсиро дар Ҳинди қарни XIX доктор Саидмуҳаммади Акрам чунин тасвир кардааст: «Забоне, ки забони расмии кишвар буд, ёд гирифтани он мӯъҷиби ифтихор шумурда мешуд... забони шеър буд, забони завқ буд, забони дил буд, забони руҳ буд, дар диёри ҳуд ғариб, ачнабӣ ва ношинос гардид. Ин достонест ғамангез... ки қалам бар он мегиряд».

Соли 1928 дар Осиёи Марказӣ аз алифбои ниёгон, ки осори гаронбаҳои гузаштагони бузургамон зиёда аз ҳазор сол бо ин навишта шуда буд, даст кашида, алифбои лотинӣ ҷорӣ гардид. Соли 1940 бошад, ба алифбои кирилӣ гузаштанд. Дар чунин як муддати кӯтоҳ ду маротиба иваз намудани алифбо оқибатҳои манфӣ ҳам дошт. Бар замми ин бо мақсади ташкил намудани забони ягонаи бузург дар қаламрави собиқ Иттифоқ ҳаракатҳо ба миён омаданд.

Расул Ҳамзатов (1923-2003) адиби машҳури ҷаҳонии Доғистон суханварони бузурги адабиёти классики форсу тоҷикро бо сипосгузорӣ ёд мекунад, зеро аз онҳо суди зиёд бардоштааст. Бинобар ин силсилаи «Шеърҳои форсӣ» (1975) аз ҷониби шоир бо як эҳсосоти баланд навишта шудааст. Адиб бо Мирзо Турсунзода робитаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ дошт. Дар ҳимояи забони модарӣ далерона чунин гуфтааст: «Забони халқҳо барои ман чун ситорахои осмонанд. Намехостем, ки ҳамаи ин ситорахо як шуда, ба ситораи бузург ҷаҳ кунанд. Ба ситораи бузург ҳоҷат нест, зеро як офтоб бас аст. Аммо бигзор ситорахо ҳам нур пошанд. Бигзор ҳар кас ҳуд ситорае дошта бошад. Ман ситораи ҳуд – забони модарии авариро дӯст медорам...

Касеро лафзи дигар зинда
созад,
Ки ман бо он сароидан
надонам.
Агар фардо забони ман
бимирад,
Ман авло мурданам имрӯз
ҳонам...»

Аз адибони машҳури ҷаҳонии шӯравӣ, нависандаи қирғиз Чингиз Айтматов (1928-2008) низ дар ҳимояи забони модарӣ изҳори афкор намуда, ҷасорат нишон дод: «Албатта, ҳеч кас касеро маҷбур карда наметавонад, вале шуури миллатро аз таъриҳи ӯ озод кардан, хусусан ба даст кашидан аз забони модарӣ даъват намудан, ин дасткаширо дастгирӣ кардан ҳам норавост. Дар ин кор ҳам ҳаққоният нест, ин кор ҳариб баробари он аст, ки аз падару модари ҳуд рӯ гардонем».

Нимаи дувуми солҳои ҳаштодуми асри XX пас аз кӯшишҳо дар роҳи бозсозӣ дар Иттифоқ халқи мо – равшанфикрону зиёёни дарк намудаанд, забоне, ки истилои ҳалокатовари юнониҳо, ҳуҷуми арабҳо, ҳамлаи пурдаҳшату қатли оми муғулҳо ва дигар қабилаҳоро сулолаҳои аҷнабиро аз сар гузаронду нест нагардид, боз эҳё шуд, сабзид, инкишоф ёфт, тӯли ҳазорҳо сол забонаш забони давлатӣ, забони илму адабиёт буд, ҳақ дорад, ки расман забони давлатӣ бошад. Ниҳоят, дар Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон 22 июли соли 1988 ба забони тоҷикӣ (форсӣ) мақоми давлатӣ доданд. Ҳар сол 22 июл ҳамчун Рӯзи забони тоҷикӣ ҷашн гирифта мешуд. 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудро соҳибихтиёр эълон кард. Баъдтар Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар ҳайати олимон Толиб Хаскашев, Муҳаммадҷон Шукуров, Бахриддин Камолиддинов... ташкил ёфт. Шаҳрвандон, зиёёни... дар муҳокимаи такмили Қонуни Забон иштирок карданд. Ҳукумат соли 1998 бо Қарори рақами 355 «Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик»-ро қабул кард. Миқдори ҳарфҳои алифбо 35-то қарор гирифт.

Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 октябри соли 2011 қоидаҳои имлоро аз нав таҳрир намуд ва такмил дод. Бо қарори нави ҳукумат 5 октябр Рӯзи забони тоҷикӣ эълон шуд. Забондонӣ хуб аст, забони дигарро омӯхта, аз ҳуд намуда дар таҳҷумонӣ, сайёҳӣ, сафоратҳонаҳо кор фармудан талаби давру замон аст. Лекин забони модарӣ дар байни забонҳо дар мақоми аввал меистад. Меҳостам бо фармудаҳои К.Ушинский фикрҳои ҳудро ҷамъбаст намоям: «Забони модарӣ асоси инкишофи бузурги фикрӣ ба ганҷинаи ҳамаи донишҳост».

Маҳкамаи ҶАЪФАРЗОД,
омӯзгори мактаби рақами 7-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.

Адабиёт ва санъат

Ўлмас ҶАМОЛ (Тоҷикистон)

Суруди ман

(Ба Ҷўрабек Муродов)

Менинг даврим ажиб давру чӣ давроне замони ман,
Башар кай дида монанди баҳори бехазони ман!

Неча эллар қариндошим, неча ўлка диёримдур,
Сурудамро ба ҳар миллат баён созад забони ман.

Қуёш бошимда парвона, замин пойимда пойандоз,
Дили ҳар одами зинда – мунаввар ошёни ман.

Агарки миллатим тоҷик, замин фарзандиман асли,
Фидояш мекунам ҷонам, нисор – умри гарони ман.

«Ҷаҳон томи»да улғайдим, менга ҳамхона юлдузлар,
Баланд асту маро ҳам чун нигаҳ дорад макони ман.

Мени Ўлмас деганларнинг бўлибман Ҷўраи ҷонӣ,
Забони дўст – ўзбекӣ чу шаккар дар даҳони ман.

Ман тори сеторам туро...

Сурати ту гулбуни раъност, ман хорам туро,
Оташи ишқам туӣ, ман дудаи норам туро.
Оини сидқу вафо бурдӣ бо сад ҷабру ҷафо,
Риштаи меҳрат бикандӣ, ман ҳамон ёрам туро.
Мекашам бори ғамат афзудаӣ дарди дилам,
Гарчи ту сўҳони ҷонӣ, дўст медорам туро.
Чӣ кунам кибрат ҳавои доми бедодӣ гирифт,
Ту бути бадкешию ман ошиқи зорам туро.
Нози чашмонат бисўзад ин дили садпораро,
Душмани умрам туӣ, ман бахти бедорам туро.
Мекашад бори фараҳмандӣ навои чангу тор,
Нохуни торам туӣ, ман тори сеторам туро.

Малик КАБИРОВ.

ҲИКМАТҲОИ ЗИНДАГӢ

ТИРЕЗА ВА ОИНА

Ҷавони сарватманде назди ҳакиме рафт ва хоҳиш кард, ки барояш панде диҳад. Марди хирадманд ўро ба канори тиреза бурду пурсид:

– Пушти тиреза чиро мебинӣ?

– Одамҳое, ки меоянду меравандва гадои кўре, ки дар хиёбон садаҚа мепурсад, — посух дод ҷавон.

Ҳаким ҷавонро назди оинаи калон бурду гуфт:

– Дар ин оина чиро мебинӣ?

– Худамро мебинам.

– Оина ва тиреза аз шиша сохта шудааанд, — гуфт хирадманд. – Аммо дар пушти оина ҚабатиНозуке аз нукра вучуд дорад, ки дар он ҷуз худатро намебинӣ. Ин ду шишаро бо ҳам муқоиса кун. Вақте шиша фақир бошад, дигаронро мебинад ва ба онҳо эҳсоси муҳаббат мекунад. Аммо вақте аз нукра (сарват) пўшида мешавад, танҳо худашро мебинад. Ту вақте арзиш дорӣ, ки шучоъ бошӣ ва он пўшиши нукраро аз пеши чашмонат бардорӣ, то тавонӣ дигаронро бинӣ ва дўст дорӣ.

Таҳияи **ВОРИС.**

ҲУНАРМАНД ЗЕБОЙ МЕОФАРАД

Агар ҳаст мард аз ҳунар баҳравар,
Ҳунар худ бигўяд, на соҳибҳунар.

Субҳи 27-уми августи соли равон чун одат дар боғи истироҳати «Наврўз»-и Тошканд бо кори кандакорӣ машғул шудам. Кори ман сутунҳои миллӣ, дарҳои бағдодӣ, мизу курсиҳои пурнақшунигор офаридан аст. Бо ин касб аз 14-солагӣ машғулам, ки асрори онро аз падари бузургворам усто Мирҷамол ва дигарон омўхтаам. Ҳамон рўз бо ҳаккокии дари дутабақаи бағдодӣ машғул будам, ки телефони дастиам мусиқӣ навохт. Корамро ба охир расонда, гўшакро бардоштам. «Ако, табрик, – гуфт яке аз ошнои наздики ман, – бо фармони Президент соҳиби унвони устои халқӣ шудаед». Рости гап, аз хурсандӣ ва ҳаячон чӣ ҷавоб додам, дар ёдам нест. Бидуни муболиға, даҳҳо нафар ҳамкасбу шогирдон, хешу пайвандон муборакбод карданд.

Камина ҚариБ ним аср аст, ки бо кандакорӣ машғулам. Падари бузургвору бобои дуоғўям аз паси ҳамин ҳунар дар байни мардум ҳурмату эҳтиром ёфтаанд. Раҳматӣ бародарам Мирумар Асадов маҳз барои эъзози ҳамин касб Қаҳрамони Ўзбекистон шудааст.

Камина дар тўли 29 соли истиқлолият дар таъмири ёдгориҳои таърихии мачмаъи Имом Бухорӣ, Руҳобод, Регистон, Масҷиди Бибихонум, мақбараи Ғўримир, осорхонаи Афросиёб, масҷиди ҷомеъи Хоҷа Аҳрори Валӣ, зиёратгоҳи Ҳазрати Довуд, мачмаъи Шоҳи Зинда иштирок кардаам.

Бояд таъкид намоям, ки чун дар тамоми қаламрави Ўзбекистон дар Самарқанди бостонӣ низ ин ҳунари ниёгон ба туфайли истиқлол ривоҷ ёфт ва маҳсулоти мо ба бозори ҷаҳон баромад. Ана барои

чӣ ҳоло дар маркази Самарқанд устохонаи шахсӣ дорам, ки фарзандону набераҳо ва шогирдонам дар кандакории чўб мўъҷизаҳо меофаранд. Вазифаи асосии ман ба онҳо омўхтани ҳунари беназири ниёгон аст.

Воқеан, мисли мо як ҳунарманди оддиро бо мукофоти олӣ сарфароз кардан бахти бузург мебошад. Ин масъулияти моро дар кор бештар месозад.

Мирҷамол АСАДОВ,
Устои халқии Ҷумҳурии Ўзбекистон.

Хазинаи маърифат

АҚЛ ва БОАҚЛӢ

— Нишонаи боаклӣ ду аст: 1. Аз даст надодани сабр вақти фақирӣ ва 2. Нигоҳ доштани тавозуъ (хоксорӣ) ба вақти дорӣ.

(Аҳмад РУФӢ).

Боакл нафарест, ки ибодатҳояшро адо намуда, муқобили орзуҳои нафс ҳаракат мекунад. Чоҳил нафарест, ки гуноҳ карда, орзуҳои нафсашро ба ҷо меорад.

(Ҳазрати АЛӢ (р.а.).

Акл ба мисли замин аст, эҳтиёҷ ба коштану нигоҳубин кардан дорад.

***

Акл роҳбари бадан аст.

(Алфред де ВИНГӢ).

Акли имрўзаам мебуд, корҳои анҷомдодаи дирўзаамро намекардам. Аммо агар корҳои дирўз анҷомдодаамро намекардам, акли имрўзаро соҳиб намешудам.

(Сагопа КАҶМЕР).

Муҳим боакл будан нест, балки аклро дар ҷояш истифода бурдан аст.

***

Акл се нишона дорад: фикри хуб, сухани хуб ва амали хуб.

(ДЕМОКРИТОС).

Илм парранда бошад, акл қанотҳои ўст.

(Фаридаддини АТТОР).

Акл чӣ қадаре ки ба пеш равад, қалбро дар ақиб намегузорад.

(КОНФЮЧИЗ).

Таҳияи **ПАРВИН.**

Юнуси ИМОМНАЗАР

«АЗ КЎЛБОРИ ДАРВЕШ»

Ҳикояҳои хурд

Боре Дарвеш яке аз шогирдони худро, ки истеъдоди хуб дошту ҳикоёти намакин менавишт, малулу рўҳафтода дид. Дилтангии вайро ба рў нагуфта пурсид:

– Охирин ҳикояат чӣ аст?

Шогирд ҷавоб дод:

– «Ба ман гап мерасад».

– Ба чоп додаӣ ё касе хондааст онро?

– Афсўс, ки не, устод.

– Кучост он ҳикояат?

Шогирд ҳамоно чузвдонашро кушода, коғазҳои сиёҳнависро нишон дод. Дарвеш гуфт:

– Бихон!

Шогирд бо иштиёқ ва оҳанги ба худ хос ҳикояашро хонд. Дарвеш бо ҳавсала то охир гўш кард ва дар фаровард афзуд:

– Боракаллоҳ, аз ҳаёт гап задаӣ! Ҳамин хел навис!

Дар чеҳраи шогирд аз малулию афсурдагӣ асаре намонд. Дар ҳоле ки чашмонаш механдиданд, шоду мамнун гуфт:

– Чашм!

***

Мусофирон ҳамин ки аз марзи Фориш мебароянду ба хоки Нурато дохил мешаванд, аз маҳзи ҷон оҳи сабук кашида, «Худоё шукр» мегўянд. Охир, аз роҳи пур аз дастандозу хўрдашуда раҳой ёфта, ба роҳи мумфарши равон баромадан чӣ қадар сафо дорад! Кас аз бардорузанҳо халос мешавад, осуда нафас мегирад, дилу ҷигараш ба ҷояш меояд...

Боре Дарвеш бо шўхӣ ҳарфе мезанаду ба ғазаби чанд марди масти нуратой дучор мешавад. Онҳо ўро пешироҳ гирифта пурсиш мекунанд:

– Ту гуфтӣ, роҳҳои Фориш беҳамтост?

– Оре, ман гуфтам, – беғубор ҷавоб медиҳад Дарвеш.

– Ту гуфтӣ, роҳҳои Нурато ба дард намехўрад?

– Оре, ман гуфтам.

Мардҳои маст ба хурўш омада дандон мефишоранд:

– Эй марди ҳисоби, агар роҳро аз роҳ фарқ накунӣ, чаро гапи беҳуда мезанӣ? Ё аз ҷонат сер шудӣ?

– Ман гапи беҳуда назадаам, бародарон! – Тааччуби муштзўронро афзуда мегўяд Дарвеш. – Бо мошин, ки меравед, дар роҳи Фориш ҳамеша бояд хўшёру бедор бошед, аммо роҳи Нурато доимо хоби касро меоварад. Пас, бигўед, кадоме беҳтар аст?!

***

Дўсти деҳотии Дарвеш бо ҳавас изҳор кард:

– Барои шумоён маза, дар шаҳр зиндагии роҳате доред ва аз ҳама имконот бахравар!

– Атояшро ба ликояш бахшидам, – ҷавоб дод Дарвеш бо зарҳ, – ин шаҳри пур аз гарду тафту дуду ғубор ба як тор мўйи деҳаи хушбодуҳаво намеарзад!

***

– Ҳар як бардошти шумо аз зиндагӣ барои мо панд аст, – бо эҳтиром арз кард шогирд ба Дарвеш, – Кош бештар аз мушоҳидаҳои худ бароямон бозгўй мекардед!

Дарвеш каломи шогирдро дар замин нагузошта, ҳамоно шамъи хоҳиши ўро барафрўхт:

– Дар зиндагӣ се чизро равшан мушоҳида кардам: нахуст дарёфтам, ки меҳру алоқаи модар ба фарзандонаш чи дар ҷавонӣ ва чи дар пирӣ бетағйир мемонад ва ин шуғли вай ба синну сол рабте надорад; дигар, овозхон, ки дар ҷавонӣ садои ширадор ва дилнишин дорад ва ба пиронсолӣ, ки даст дод, шираи овозаш мекоҳад ва ў аз ин пешааш бояд даст кашад, то шуҳрати ҷавониашро ба бод надиҳад; севум, нависанда аст, ки дар ҷавонӣ хому сода эҷод мекунад, вале ба калонсолӣ ки расид, навиштаҳояш пуробурангу муассир ва пухта мебароянд ва ўро мебояд дар айёми бузургсолӣ бештар эҷод кунад ва қаламиҳои ҷавониашро дубора верастӣ намояд.

***

Дарвеш шогирдашро ғарқи андеша дид. Аз ў пурсид:

– Чиро хаёл мекунӣ?

Гуфт:

– Метавонед ба ман гўед, имрўзиён чӣ тафовуте аз одамҳои пешина доранд?

Дарвеш яке фикри ба сараш омадаро изҳор намуд:

– Дар замони пеш ту харро амак мегуфтӣ, то корат буд шавад, ҳоло бошад, харон туро амак мегўянд, то ба мақсад бирасанд.

***

– Хонашинӣ ба ҷон зад, ин коронои лаънатӣ то кай давом мекунад, устод?

Дарвеш бехаёл гуфт:

– Парво накун, зуд мешиканад! Кай дидаӣ, ки сохтаи Чин дер поида бошад?!

***

Дарвеш бар рўйи курсии сангини канори ҳавлӣ нишаста, ҳавзи обу мурғобиҳои нозанини шиноварро тамошо мекард.

Раҳими биникалон аз хонаи меҳмондорӣ баромада, калиди занҷираи тиллодори саворияшро миёни ангуштон алвонҷ дода, ба назди ў омад. Гардан ба осмон ёзониду аз ду парраи бинӣ ба Дарвеш чашм дўхта гуфт:

– Ин мардуми содаро ҳеч намефаҳмам?!

– Чӣ хабар?

– Бубин, либосҳои зарифу гаронбаҳоро ман мепўшам, хонаю кошонаам аз қаср мондани надорад, мошинам беҳтарину охирин модел аст, аммо касе маро писанд намекунад. Ҳамин ки Порсои дарвеш ба маъраке меояд, ҳама аз ҷо мехезанд, бо таъзиму илтифот ўро ба пешгаҳ мегузаронанд, дар сурате ки беш аз як кулбаи гилин ва ду-се сар бузу гўсфанд чизе надорад.

Дарвеш аз таҳи дил хандид. Беихтиёр ба мурғобиҳои ҳавз ишора карда гуфт:

– Оре, ту ҳама чизро дорӣ, вале ба андозаи ҳамин ҷонваракон акл надорӣ, ки роҳатро дуруст интихоб намоӣ! Мардум на ба зинату молу ҷоҳат, балки ба хўшу фаросати ту менигаранд, додар.

***

Шогирдон аз Дарвеш пурсиданд:

– Кадоме аз мушоҳидаҳоятон ба рўҳияти шумо бештар таъсиргузор буда?

Дарвеш посух дод:

– Мардаке дар ҳамсояги доштам, ҳудҳоҳу якрав ва бадхў. Дар ниҳоят, вай ба роҳи каҷ рафт ва бо пойи худ ба гандоб афтод. Дигар, роҳи бозгашт наёфта гандиду мурд.

***

Дар ҳини суҳбати чортан яке аз дўстони Дарвеш гуфт:

– Гоҳе касонеро, ба хусус, зананеро мебинем, ки на аз сидқ, балки барои худнамой ба умраву ҳаҷ мераванд. Онҳо ин «фариза»-и худро ошкоро аз пули дигарон ва бе он ки ба норасоии аҳли байту бечорагии фарзандони худ таваччуҳ кунанд, анҷом медиҳанд...

Дарвеш бо андеша илова кард:

– Бешак, аъмоли бандагонаш ба Худованд аён аст. Вай гуноҳу савоби ин зумра «ҳочиён»-ро муқаррар менамояд. Аммо, дер нашуда, мебояд ба пештоқи дари ин гуна мамоҳоҷиҳо байти зерини Шайх Саъдиро навишта кард:

Хари Исо гараш ба
Макка баранд,
Чун биёяд, ҳанўз хар
бошад!

НАВОӢ ВА ҲАМЗАМОНОНИ ҲИНДИИ Ў

Аз замони қадим минтақае, ки маъруф ба Хуросони Бузург аст, дар ҳақиқат марказу манбеи фарҳангӣ ва тамаддуни ин қаламрави Осиё будааст (ки шомили Шибҳи ҚораВу Осиёи Марказию Ғарбӣ мебошад) ва дар ин минтақа шахсиятҳое баланд шудааанд, ки тамаддуни инсонӣ савганди бузургӣ ва азамати онҳоро мехўрад. Аз миёни онҳо Амир Алишери Навоӣ – Фонӣ ҳам буд, ки ҳамроҳ бо шоир ва нависанда ва сиёсатмадору вазир ва ҳунарманди моҳири мусиқию улуму ҳунарҳои мухталиф ва дар мачмўъ шахсияти касрулабъод ва чандгуна будаанаш, ошноии хубе бо рўҳияти осори мутақаддимин дошт ва бо маҳорати халлока аз онҳо истифода намуд ва иртиботу ошной бо муосирину корҳои эшон дошт ва ҳар чое мақдур шуд, аз эшон ҳамкориву сарпарастӣ кард. Муболиға нахоҳад буд, агар бигўем, ки Амир Алишер аз миёни он бузургони ин минтақа буда, ки бидуни зикр аз ному корномаҳои эшон дарвоқеъ наметавон азамату шиноҳти адабиёту фарҳангро ҳосил кард. Вай илова бар ин ки ба унвони шоиру нависандаи барҷастаи таъриҳи адабиёти туркии чиғатой ё ўзбекии қадим шинохта шуда, ҳамчунин накши муҳимме ба ҳайси суханвари забони дарӣ ифо намуда. Девони форсии вай илова бар ғазалиёт шомили рубоиёту мукаттаоту қасида ва ғайра аст, аммо ўро асосан метавон шоири ғазалсаро гуфт, чун девони форсии вай, ки дорои 4704 байт аст ва аз ҷумла, 3800 байти он ғазал аст.

Бо вуҷуди ин ки рочеъ ба адъоди шахсияту осор ва рўзгору мероси илмию фарҳангии вай корҳои фаровон анҷом дода шуда, боз ҳам дар бораи бисёре аз симоҳои маъмум ва пинҳону кашфношуда корҳои таҳқиқӣ ба анҷом ҳоҳад расид. Шахсияти гуногуни эшон чунон бекарону бузург аст, ки ҳатто зикри ҷанбаи кўтоҳи он ҳам ниёз ба баррасии муфассал дорад:

Оби дарёро агар натвон кашид,
Ҳам ба қадри ташнагӣ бояд чашид.

Ин ҷо бояд авзои сиёсию иҷтимоии Хуросону Ҳиндустони аҳди Амир Алишер ҳам ишора бишавад, ки дар Хуросон аз сулолаи Темуриён чун Мирзо Абулқосим Бобур (1457), Абўсаид Мирзо (1469), Султон Ҳусайн Мирзо Бойқаро буданд, ки ҳамаи онҳо шахсиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ буданд ва дар заминаи фарҳангу ҳунару маориф ҳадамоти бузурге анҷом додааанд. Мир Алишери Навоӣ таҳти сарпарастии эшон бузург шуд ва ба даъвати Султон Бойқаро дар соли 1469 аввал вазифаи муҳрдорӣ ва сипас, узвияти девони олии аморатро ба уҳда гирифт ва низ ба мақоми «ийчагӣ» ё надимӣ расид. Аз лиҳози адабию фарҳангӣ ин давра яке аз дурахшонтарин замони Хуросон буд ва ҳуди Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ дар чиҳати ғанӣ сохтани он рўзгор нақши муҳимме ифо намудааст. Вай на танҳо осорӣ беназиру асил ба забонҳои туркии чиғатой ё ўзбекӣ ва дарӣ ба офариниш оварда, балки ба унвони сарпарасти шоирону нависандагон ва уламову ҳунармандон дар шаҳри Ҳирот хадамоти азими ташвиқ ва ҳимояту парвариши онҳоро анҷом дода ва ба навъе ренессанси адабию илмӣ ва фарҳангиро ба авҷи муваффақият расонидааст.

Аз тарафи дигар дар Ҳинд ҳукумати Лудиёни афғонӣ (аз соли 1451 то 1526) дар маркази он Дехлӣ ва амирони Шарқӣ (1479-1494) дар тарафи вилоёти шарқ, ки маркази он Ҷунпур буд, ҳукумат доштанд. Ҳамин тавр, дар тарафи ҷануби Ҳинд ҳукумати Бахманиён (1347-1527), ки пойтахти он аввал дар Аҳсанобод (Гулбарга, 1347-1425) ва сипас дар Муҳаммадобод (Бедар) буд, ҷараён дошт. Ҳукмронони Лудиву Шарқӣ ва Бахманӣ фарҳангу адабдўст буданд ва бо масъулияти ғуруморезу бузург пуштибониву тарғиб ва ҳимоят аз аҳли илму дониш ва адабу ҳунарро ба дўш медоштанд. Аз миёни салотини Лудӣ, бахусус Искандари Лудӣ ва Иброҳими Лудӣ тамоюли шахсӣ ба адабиёту шеъру сухан доштанд.

Маъруфтарин шахсият дар миёни уламо ва шоирону урафои аҳди Лудиён Мавлоно Ҷамолуддини Ҷамолӣ буд. Вай дўсти Султон Искандари Лудӣ буд ва султон ашъори ҳудро барои ислоҳ пеши Ҷамолӣ мебурд. Вай дар билоди ҷаҳони исломӣ зиёд мусофират кард ва дар ҳар шаҳре, ки мерасид, он ҷо ба дидори уламо ва машоҳири он ҳам мерафт. Масалан, аввал ба Мултон рафт ва он ҷо ба ҳидмати Шайх Садруддини Шаҳруллоҳ, Мавлоно Камолуддини Ҳусайн ва Махдуми Биллоли Синдӣ рафт ва сипас, Ҳироту шаҳрҳои Эрон ва Ироқу Димишқ ва Маккаву Андалус ва Яману Байтулмуқаддас ва билоди Румро ҳам дидан кард. Вай дар соли 1492 ба Ҳирот расид ва дар манзили Мавлоно Ҷомӣ ґузар кард ва он ҷо бо уламои Ҳирот чун Шайх Сўфӣ (аз хулафои Зайнуддини Хофӣ), Масъуди Шервонӣ, Мавлоно Ҳусайни Лорӣ, Абдулғафури Лорӣ ва ғайра мулоқот кард. Эҳтимол меравад, ки эшон ҳатман дар иртиботи Амир Алишер омада бошанд. Асари Ҷомӣ «Шарҳи байте аз Ҳусрави Деҳлавӣ» дар миёни форсидононӣ Шибҳи ҚораВу маъруф аст, ки он шарҳи ин байти Амир Ҳусрави Деҳлавӣ аст:

Зи дарёи шаҳодат чун наҳанги ло барорад
сар,
Таяммум фарз гардад Нўҳро дар вақти
тўфонаш.

Илова бар ин, вай байти дигарро ҳам шарҳ карда:

Моҳи наве, к-асли вай аз сол хост,
Гашт яке моҳ ба даҳ сол рост.

Мегўянд, ки Ҷомӣ дар шарҳи ин байт тараддуде дошт ва вақте ки Ҷамолӣ дар ҳидматаш буд, аз ў мазмуни онро пурсид.

Шоирони дигари Ҳинд, чун Шаҳидии Қумӣ ва Ҳошимии Кирмонӣ, ки аз Эрон омада буданд, ба ҳидмати Ҷомӣ ҳам расидааанд.

Салотини Шарқӣ тавре аз аҳли дониш изҳори самимияту муҳаббат ва аз онҳо ҳимоят карданд, ки пойтахти онҳо шаҳри Ҷунпур маркази уламову фузало ва ҳунармандони он аҳд шуд. Ва иддае аз миёни онҳо аз марокизи бузурге чун Балху Ғазниву Ҳирот ҳам буданд.

Ҳукмронони хонаводаи Бахманӣ низ дар заминаи ҳимоят ва сарпарастии адабу фарҳанг ва ҳунар аз ҳеч навъи мусоидат фурў намегузоштанд, аммо аз миёни онҳо бахусус бояд исми яке аз вузарои Бахманиён, яъне Хоҷаи Ҷаҳонмаҳмуди Говон (1466-1481)-ро бурд, ки муосир ва ҳамсони Амир Алишери Навоӣ буд. Ин амири илмпарвар дилбохтаи дониш ва донишмандону уламо, ҳунару ҳунармандон ва суханворон ба эъмори мадорису қалъаҳо ва биноҳои омулманфиа таваччуҳи фаровон дошт. Аз миёни муассасоти эъморкардаи ў донишгоҳи бузург ба номи Мадрасаи Маҳмуди Говон маъруф шуд, ки он ҷо тамоми улуми мутадовил тадрис мешуд. Китобхонааш дорои 3 ҳазор нусхаи хаттии ноёб буд. Маҳмуди Говон ҳуд иншонависи барҷаста буд ва муносиботу ақидат бо Мавлоно Ҷомӣ дошт. Мукотибати байни онҳо ва қасидае, ки Ҷомӣ дар мадҳи Маҳмуди Говон суруд, ишора ба иртиботи самимона миёни онҳост. Хоҷаи Ҷаҳон ҳарсола маблаге ваҷҳи ҳадя ба ҳидмати Ҷомӣ мефиристод. Ҷомӣ дар номаҳое, ки ба вай навишта, ўро Маликуттуҷҷор хитоб карда ва ду бор ба ин далел аз вай пўзишхоҳӣ кардааст, ки наметавонад ба сарзамини Ҳинд мусофират кунад. Ва дар ҚитъаеПурсўзу гудоз аз орзуи дидори Маҳмуди Говон изҳор намуд. Эҳтимоли заиф аст, ки ду шахсияте мисли амири кабир Алишери Навоӣ ва Хоҷаи Ҷаҳон, ки фирефта ва дилбохтаи донишу донишмандон ва уламо буданд, ноошно бо якдигар буда бошанд.

Мир Ҳошимии Кирмонӣ маъруф ба Шоҳи Ҷаҳонгир, орифи Синд дар маснавии «Мазҳар-ул-осор» ё «Мазҳар-ул-асрор» (дар ҷавоби «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ суруда) аз Султон Ҳусайн Мирзо ва Алишери Навоӣ мадҳ кардааст ва дар бораи Навоӣ-Фонӣ мегўяд:

Дошт амире ба ҳазорон камол,
Нодиру мумтозу адимулмисол.
Шердилу соҳиби шамшер буд,
Номи хушаш Мир Алишер буд.
Дар фани туркӣ ба сарири қалам,
Гуфт сало бар Арабу бар Аҷам.
Булаҷаб ин аст, ки он номдор,
Бо ҳамагӣ машғалаи рўзгор.
Дод ба девони ғазал интизом,
Кард яке «Хамса»-и туркӣ тамом.
Гуфт ба туркӣ суханони бузург,
Аз дами Хизру нафаси пири турк.
Буд шабу рўз ба сад иззу ҷоҳ,
Ҳамнафаси Ҳусрави олампаноҳ.

Аммо на танҳо ин ки Навоӣ пайравӣ аз Амир Ҳусрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ дар хамсанависӣ ва ғазалсаро карда, балки сабки ғазалсароии ҳуди ў, бино ба гуфтаи доктор Рукнуддини Ҳумоюнфаррух (мусаҳҳеҳи девони Алишери Навоӣ-Фонӣ), дорои афкор ва тахайюлоту ташбеҳоте мебошад, ки ба ҳадди ибҳом ва ихому таъкид, аммо ба сурати ибтидоӣ дида мешавад ва баъдан гунаҳои он дар ашъори суханварони Ҳинд фаровон омадааст. Доктор Ҳумоюнфаррух менависад: «Ў сабки ҳуросониро бо сабки ироқӣ ва сабки Ҳирот ба шеваи хосе дарҳам омехта ва ихтилоти ин се сабк, ки намояндаи се навъи тарзи тафаккуру андеша ва тахайюл ҳастанд, дар фосилаи панҷоҳ сол асосу сармояи сабке шудааст, ки ба ғалат онро ҳиндӣ меноманд... ва тарзу равишеро, ки Амир Алишер ва шуарои пайрави ў бунён гузоштаанд, нашр дода ва дар таъмими он кўшидаанд ва чун шуарои форсизабон дар Ҳинд пайрави онон шуданд, ин сабк ба ҳиндӣ номгузорӣ шуд. Ба ҳар ҳол ғазалиёти Фонӣ беҳтарин нусхаи ин сабк аст».

Бар мабнои ин гуфтаҳо метавон гуфт, ки Фонӣ-Навоӣ яке аз бунёнгузорони сабки ҳиндӣ мебошад, ки шеваи маҳбуби ғазалсароии шоирони қарни шонздаҳум ва баъд дар Ҳинд ривоҷ пайдо кард. Ба таври намуна:

Аз хаёли он миён фикри муҳолеи
доштам,
Буд агарчи бас муҳол, аммо хаёле
доштам.

Ё:

Фарози сабза ҳар сў лолаи раъно
зи бисёри,
Бувад чун абр шангарфе ба рўйи чархи
зангорӣ.
Ва ё густарда баҳри базми гул фарши
зумуррадгун
Ба рўйи фарш бўрё карда шодарвони
гулнорӣ.
Латофат бин, ки дар оинагун дарёи
ахзарфом,
Ҳама акси шафақро мезанад лофи
намудорӣ.

Аммо нуктаи муҳимме, ки бояд хулоса кард, ин аст, ки Амир Алишери Навоӣ-Фонӣ намояндаи бузурги тамаддуну фарҳанги Хуросони Бузург буда, ки шахсияташ дорои хубиҳо ва фазоили умдаи марокизи илмию ирфонӣ ва фарҳангии ҷаҳони форсӣ чун Шерозу Самарқанду Балху Ғазнин ва Ҳироту Деҳлӣ ва Дакан буда ва аз он файз бурда ва ба василаи осору корҳои ҳуд фарҳангу адабиёти тамоми ин қаламравро парвариш додааст.

Доктор **Аҳлоқ Аҳмади ОҲАН,**
Маркази мутолиоти форсӣ ва Осиёи Миёнаи Донишгоҳи Ҷавоҳирлаъл Нехруи Деҳлӣ.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми наср: бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашудаи ҷавоб намедиҳад.

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти раками 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-1035. Адади нашр 628, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

ISSN 2010-7757

1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тўхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.